*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 90 - 91 (4510 - 4511) | ШАНБЕ, 23 ИЮЛИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН



**21 июли соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон қарор доштанд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин сафар вазири корҳои хориҷӣ, вазири нақлиёт ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Иссик-Кул меҳмони олиқадр - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон Акилбек Жапаров самимона истиқбол гирифтанд.

**Сипас, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Чолпон-Отаи Ҷумҳурии Қирғизистон дар Вохӯрии чоруми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар ҳамоиш Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов низ иштирок карданд.

Сарони давлатҳо масъалаҳои мубрами таҳкими ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказиро дар самти вокуниши муштарак ба хатару таҳдидҳо ба амнияти минтақа, дурнамои тавсеаи ҳамкории минтақавӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодии кишварҳои минтақа, иқтидори муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ ва дӯстона дар раванди рушди минбаъдаи фазои фарҳангӣ ва гуманитарии минтақа баррасӣ намуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ аҳамияти мунтазам баргузори кардани Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро зикр карда, рушди рӯзафзуни минбаъдаи ҳамкории минтақавиро дар заминаи муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷавории таърихӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳдидҳои рӯзафзуни терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, киберҷиноятҳо ва дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккили фаромарзиро бахусус таъкид намуданд. Тамоюлҳои таҳмили идеологияи радикализми динӣ дар минтақа ва мавҷудияти ба истилоҳ «гурӯҳҳои хуфта»-и терроризму экстремизми байналмилалӣ ба сифати таҳдидҳои ҷиддӣ ба амният номида шуданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, бо изҳори нигаронӣ таъсири манфии равандҳои дар Афғонистон баамалояндаро ба кишварҳои минтақа қайд карда, дар робита ба ин, ба таҳкими ҳамоҳангӣ миёни хадамоти махсус ва эҷоди механизмҳои мушаххаси муборизаи муштарак бо хатару таҳдидҳо ба амнияти минтақавӣ даъват ба амал оварданд.

Дар суханронии Пешвои миллат ба масъалаҳои фаъолияти муштарак ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодии Осиёи Марказӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Дар ин замина ба зарурати фароҳам овардани шароити мусоид барои тавсеаи тиҷорат, равобити зичи ҳамгироёна, инчунин рушди иқтидори нақлиётию транзитии минтақа ва такмили долонҳои нақлиётӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои интиқоли мол, ҳамчунин густариши ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Президенти мамлакат ба андешиндани тадбирҳои иловагӣ оид ба рушди фаъолияти фазои умумии фарҳангию гуманитарӣ дар Осиёи Марказӣ даъват ба амал оварданд. Зарурати таҳкими ҳамкории муассисаҳои илмии кишварҳои минтақа дар инкишофи фанҳои амалӣ, рушди минбаъдаи муколамаи байнифарҳангӣ ва ташвиқу тарғиби муштараки мероси моддию ғайримоддии фарҳангӣ ва та-



биии мардуми кишварҳои минтақа дар сатҳи ҷаҳонӣ таъкид гардид.

Аз рӯи натиҷаҳои Вохӯрии чоруми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ «Изҳороти муштараки сарони давлатҳо», «Харитаи роҳ оид ба рушди ҳамкории минтақавӣ барои солҳои 2022-2024», «Консепсияи ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказӣ дар доираи бисёрҷониба» ва «Барномаи минтақавии «Рӯзномаи сабз» барои Осиёи Марказӣ» қабул гардиданд.

Ҳамчунин, қарори сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал дар бораи ба мӯҳлати як сол тамдид намудани ваколатҳои Президенти фонди мазкур муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид.

Сарони давлатҳо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи баргузории Вохӯрии панҷуми ҷашнии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ 14 - 15 сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе, ки дар як вақт бо ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал баргузор мешавад, ҷонибдорӣ намуданд.

**21 июли соли 2022 дар шаҳри Чолпон-Отаи Ҷумҳурии Қирғизистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мулоқоти дуҷониба оростанд.**

Зимни он масъалаҳои рӯзмарраи рушду таҳкими ҳамкории ҳар ду кишвар дар ҳама арсаи манфиатҳои муштарак мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Сарони давлатҳо натиҷаҳои сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки моҳи июни соли 2022 сурат гирифт ва ба муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷавории ҳар ду халқи бародар такони нав бахшид, муҳиму арзишманд арзёбӣ карданд.

Ба пешбурди лоиҳаҳои муштараки ҳамкорӣ ва ҳамгироии амалӣ дар соҳаҳои тиҷорат, саноат, кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт ва логистика таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот ҷиҳати тавсеаи робитаҳои судовари ҳар ду кишвар дар ҳама соҳа ва ба нафъи мардум баҳрабардорӣ кардан аз ҳама имконияти истифоданашуда изҳори омодагӣ карданд.

Дар ҷараёни мулоқот дигар масъалаҳои муҳими мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо низ баррасӣ гардиданд.

**Нимаи дуюми рӯзи 21-уми июли соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба Қирғизистон ҷиҳати иштирок дар Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров мулоқоти дуҷониба анҷом доданд.**

Мусоҳибон вазъ ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистонро дар бахшҳои гуногуни ҳамкорӣ баррасӣ карда, доир ба масоили мубрами рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор намуданд.

Сарони давлатҳо оид ба муҳимияти баргузории вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки ба ташаккули фазои нави ҳамёрӣ мусоидат карда, ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва соҳаҳои дигар такон мебахшанд, андешаи ҳамсон доштанд.

Зимни баррасии масъалаҳои рӯзномаи дуҷониба ба роҳ мондани муколамаи созандаи дуҷониба бар пояи риштаҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ барои рушди минбаъдаи онҳо муҳим дониста шуд. Дар робита ба ин, ҷонибҳо ба ҳалли масъалаҳо бо назардошти манфиатҳои тарафҳо танҳо бо роҳи осоишта ва бо усулҳои сиёсию дипломатӣ изҳори ҷонибдорӣ намуданд.

Президентҳо ба мувофиқа расиданд, ки фаъолияти механизмҳои ҳамёрии дуҷониба, аз ҷумла кори Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон ҷоннок карда шавад.

Сарони давлатҳо муҳимияти истифодаи ҳамоҳангшудаи захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ дар минтақаҳои наздисарҳадӣ ва густариши ҳамкориро дар ин самт таъкид карданд. Ба мувофиқа расида шуд, ки фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии масъалаҳои дуҷонибаи марбут ба истифодаи захираҳои об муҷаддадан фаъол гардонида шавад.

Президентҳо фаъолияти Фонди байналмилалии наҷоти Аралро дар заминаи раёсати Тоҷикистон дар ин сохтор баррасӣ карданд. Дар робита ба ин, онҳо ба идома додани талошҳои пайвастаи давлатҳои муассис ҷиҳати такмили сохтори ташкилӣ ва заминаи ҳуқуқию қарордодии Фонди байналмилалии наҷоти Арал бо назардошти манфиатҳои ҳама кишварҳои минтақа бидуни истисно изҳори ҷонибдорӣ карданд.

Мусоҳибон изҳори итминон намуданд, ки усулҳои дӯстӣ ва ҳамсоягии нек, ки бар асоси онҳо ду халқ аз замонҳои қадим зиндагӣ ва бунёдкорӣ кардаанд, минбаъд низ ба рушди муносибатҳои созандаи ҳар ду ҳамсояи наздик мусоидат хоҳанд намуд.

**www.president.tj**

---

## ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ УЗВИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Ба моддаи $3^1$ Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 августи соли 2001 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 517; с. 2003, №12, мод. 689; с. 2004, №12, қ. 1, мод. 698; с. 2005, №7, мод. 397; с. 2006, №3, мод. 145; с. 2007, №7, мод. 654; с. 2011, №12, мод. 831, мод. 832; с. 2012, №8, мод. 812; с. 2016, №7, мод. 601; с. 2017, № 7-9, мод. 564; с. 2020, № 12, мод. 899; с. 2021, № 6, мод. 381) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- дар матни модда калимаи «Ҳамчун» ба калимаҳои «Ман (насаб, ном ва номи падар), ҳамчун» иваз карда шавад;

- қисмҳои дуюм, сеюм, чорум ва панҷум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«Ҳангоми савгандёдкунии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон дар толори Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешаванд.

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон аз минбар рост истода, дасти рости худро ба болои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта, савганд ёд мекунанд.

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон пас аз савгандёдкунӣ ба зери матни савганд имзо гузошта, онро ба раисикунандаи иҷлосия месупоранд.

Матни савганди имзонамудаи узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон дар парвандаи шахсии онҳо нигоҳ дошта мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1889**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 61 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №309**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 25 майи соли 2022, № 728**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ташкил, пешбурд, рушд ва қатъи фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ танзим менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

1. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ шакли фаъолияти ғайрисоҳибкории мустақилонаи шаҳрванд ё бо ҷалби аъзои оила ва (ё) дигар шаҳрвандон барои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки дар қитъаҳои замини барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ додашуда ва (ё) бадастоварда ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ амалӣ карда мешавад.

2. Аз ҷониби шаҳрвандон фурӯши маҳсулоти кишоварзии ҳангоми пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ истеҳсол ва коркардшуда фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешавад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

1. Қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ иборат мебошанд.

2. Қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба шаҳрвандон бо тартиб ва ба андозаи муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд ва (ё) шаҳрвандон барои ин мақсад ҳуқуқи истифодаи онро ба даст меоранд.

3. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба гурӯҳи заминҳои маҳалли аҳолинишин дохил буда, ба шаҳрванд пас аз ба қайди давлатӣ гирифтани ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ дода мешавад.

4. Қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ ба гурӯҳи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дохил буда, ба шаҳрванд бо ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат дода мешавад.

**Моддаи 4. Манъи дахолат ба фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ**

Дахолати мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба фаъолияти шаҳрвандон дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

### БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ПЕШБУРД ВА РУШДИ ХОҶАГИҲОИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ

**Моддаи 5. Танзим ва дастгирии давлатии пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ**

1. Танзим ва дастгирии давлатии пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ аз маҷмӯи чорабиниҳое, ки фаъолияти самаранокро дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ таъмин менамоянд, иборат мебошанд.

2. Танзими давлатии пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ бо усулҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда ва ба рушди фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ мусоидаткунанда;

2) амалигардонии чорабиниҳо оид ба рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ;

3) назорати риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди фаъолият дар қитъаҳои замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ.

3. Дастгирии давлатии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) ташаккули инфрасохтори хизматрасонии истеҳсол, коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ;

2) ташкили хизматрасонии техникӣ, обёрӣ, байторию санитарӣ ва иттилоотию машваратӣ;

3) пешгирӣ ва бартараф кардани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода;

4) шаклҳои дигари дастгирӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд.

**Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил, пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил, пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ мансуб мебошанд:

1) амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар таъмини рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ;

2) тасдиқи барномаҳои дастгирӣ ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ;

3) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 7. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ташкил, пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ**

Ба ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ташкил, пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дохил мешаванд:

1) таҳия, тасдиқ ва амалисозии барномаҳои маҳаллии рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ;

2) муқаррар намудани нишондиҳандаҳои асосии рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар ҳудудҳои дахлдор;

3) мусоидат ба беҳтарсозии таъминоти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ бо захираҳои моддию техникӣ, оби полезӣ, тухмии растаниҳо, ниҳолҳо, ҳайвоноти кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ ва дигар маводҳо;

4) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ташкил, пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ**

Ба ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ташкил, пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дохил мешаванд:

1) ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо пешниҳод намудани таклифҳо доир ба ҷудо намудани қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ;

2) пешбурди китоби баҳисобгирии хоҷагиҳо;

3) гузарондани мониторинги истифодабарии қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ;

4) татбиқи чораҳо барои таъмини пешбурди фаъолияти озод ва мустақилонаи хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ҳангоми истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ;

5) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### БОБИ 3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШАҲРВАНДОН ҲАНГОМИ ПЕШБУРДИ ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ

**Моддаи 9. Ҳуқуқи шаҳрвандон барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

1. Шаҳрвандони қобили амали Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба онҳо қитъаи замин барои замини наздиҳавлигӣ ва (ё) ташкили хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ дода шудааст ва (ё) барои ин мақсадҳо ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро ба даст овардаанд, ҳуқуқи пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро доранд.

2. Шаҳрвандон ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ҳуқуқ доранд:

1) истифодабарии қитъаҳои замин ва муносибатҳои молумулкиро бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд;

2) фаъолияти хоҷагидориро дар қитъаҳои замин озодона ва мустақилона амалӣ намоянд;

3) бо иттиҳодияҳои кишоварзӣ ва кластерҳои агросаноатӣ ҳамкорӣ намоянд ва ихтиёрӣ ба ҳайати онҳо дохил шаванд;

4) сохтмон ва азнавсозии гармхона ва сардхонаҳо, дигар иншооти хизматрасонӣ ва истеҳсолиро бо тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монанд;

5) ҷуброни зарарро вобаста ба гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намоянд ва гиранд;

6) аз манбаъҳои захираҳои обӣ ва барқ барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо тартиби муқарраргардида истифода намоянд;

7) аз ҳуқуқҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд.

**Моддаи 10. Уҳдадориҳои шаҳрвандон ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ**

Шаҳрвандон ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ уҳдадоранд:

1) истифодаи мақсаднок ва оқилонаи қитъаҳои замин, аз ҷумла кишти зироатҳои кишоварзӣ, гузаронидани корҳои барқарорсозӣ ва ободониро таъмин кунанд;

2) сари вақт андози истифодаи қитъаҳои замин, ҳаққи хизмати обрасонӣ, барқ, инчунин дигар пардохтҳои муқарраргардидаро ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, пардохт намоянд;

3) қоидаҳои беҳдошти санитарию гигиенӣ ва байторӣ, талаботи агротехникию мелиоративӣ ва технологияҳои парвариши зироатҳои кишоварзиро риоя намоянд;

4) барои нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок тадбирҳо андешанд;

5) ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои обу заминро таъмин намоянд;

6) бо риояи тартиби муайяннамудаи беҳдоштиву санитарӣ ва бойторӣ забҳи ҳайвоноти кишоварзиро дар ҷойҳои махсуси барои ин мақсадҳо ҷудошуда таъмин намоянд;

7) ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти маҳалли ҷойгиршавӣ бо тартиб ва дар муҳлатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти дахлдорро оид ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешниҳод намоянд;

8) дар қитъаҳои замини хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсӣ ба бунёди бинову иншоот ва шинонидани дарахтони бисёрсола роҳ надиҳанд;

9) иҷрои уҳдадориҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намоянд.

### БОБИ 4. ПЕШБУРДИ ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ

**Моддаи 11. Тартиби пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

1. Шаҳрвандон ҳангоми пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ самт, хусусият ва намудҳои фаъолият, таркиб ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро мустақилона муайян мекунанд.

2. Сардори хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад манфиатҳои шаҳрвандони дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ иштироккунандаро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ намояндагӣ кунад.

3. Шаҳрвандони дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ иштироккунанда метавонанд муносибатҳои шартномавиро вобаста ба истеҳсол, коркард ва интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бевосита бо ташкилотҳои кишоварзӣ, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мустақилона амалӣ намоянд.

**Моддаи 12. Фаъолияти меҳнатӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

1. Фаъолияти меҳнатӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо истифодаи меҳнати шахсии шаҳрванд ё бо ҷалби аъзои оила ва (ё) шаҳрвандони дигар амалӣ карда мешавад.

2. Шаҳрвандоне, ки дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» метавонанд вазъи ҳуқуқии аҳолии шуғлнокро (ё ба он баробаркардашударо) гиранд.

**Моддаи 13. Баҳисобгирии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ**

1. Баҳисобгирии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ аз тарафи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар китоби баҳисобгирии хоҷагиҳо амалӣ карда мешавад.

2. Пешбурди китоби баҳисобгирии хоҷагиҳо дар асоси маълумоти дахлдори аз ҷониби хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешниҳодшуда амалӣ карда мешавад ва инҳоро дар бар мегирад:

1) насаб, ном ва номи падар, сана ва соли таваллуди сардори хоҷагии ёрирасони шахсӣ, инчунин шаҳрвандоне, ки бо ӯ якҷоя зиндагӣ мекунанд ва дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ иштирок мекунанд;

2) масоҳати қитъаи замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки дар он кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида мешавад, миқдори дарахтони бисёрсола, аз ҷумла мевадиҳанда, инчунин номгӯи дигар маҳсулоти кишоварзии истеҳсол ва коркардшаванда;

3) саршумори чорво, парандаи хонагӣ, оилаҳои занбӯри асал ва қуттии пилла;

4) маълумот оид ба шумораи воситаҳои нақлиёт, техника ва таҷҳизоти кишоварзӣ;

5) маълумот оид ба бино, дастгоҳ ва таҷҳизоти дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ истифодашаванда.

3. Маълумоти китоби баҳисобгирии хоҷагиҳо барои ташаккул ва татбиқи нишондиҳандаҳои асосии таъмини рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва дастгирии давлатии онҳо истифода бурда мешаванд.

4. Шакл ва тартиби пешбурди китоби баҳисобгирии хоҷагиҳо оид ба баҳисобгирии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ аз ҷониби мақомоти омори давлатӣ муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 14. Тартиби қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

Фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ пас аз қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ мегардад.

### БОБИ 5. МУНОСИБАТҲОИ МОЛУМУЛКӢ ДАР ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ

**Моддаи 15. Истифодаи молу мулк дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

1. Шаҳрвандон барои пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ метавонанд аз биноҳои истиқоматӣ, маишӣ ва истеҳсолӣ, дигар бино ва иншооти ёрирасон, дарахтони бисёрсола, аз ҷумла мевадиҳандаи дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) замини хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсӣ воқеъбуда, инчунин воситаҳои нақлиёт, техникаю таҷҳизоти кишоварзӣ, ҳайвоноти кишоварзӣ ва молу мулки дигар истифода баранд.

2. Шаҳрвандони дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ иштироккунанда метавонанд шумора ва шакли бино, инчунин иншооти хоҷагидориро бо мақсадҳои нигоҳдории саршумори ҳайвоноти кишоварзӣ, коркарди хӯроки ҳайвоноти кишоварзӣ, нигоҳдории техника, таҷҳизот ва дигар асбобу ашё бо риояи талаботи меъёрҳои техникӣ, сохтмонӣ, санитарию эпидемиологӣ, экологӣ ва бехатарӣ аз сӯхтор мустақилона муайян намоянд.

3. Шаҳрвандон метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулки дигарро барои пешбурд ва рушди хоҷагии ёрирасони шахсӣ харидорӣ ва истифода намоянд.

4. Истифодаи молу мулки узви хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар фаъолияти он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 16. Ихтиёрдории маҳсулоти кишоварзии ҳангоми пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ истеҳсол ва коркардшуда**

Маҳсулоти кишоварзии дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ истеҳсол ва коркардшуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона ихтиёрдорӣ карда мешавад.

### БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 17. Тартиби андозбандӣ ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ**

Андозбандӣ ҳангоми пешбурди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 18. Ҳалли баҳсҳо вобаста ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

Баҳсҳое, ки вобаста ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба миён меоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 19. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 20. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №12, мод. 675; с. 2006, №7, мод. 349; с. 2011, №6, мод. 449) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 21. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1891**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №294**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2003, №868 «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2006, №6, мод.299; с.2011, №4, мод.298) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, №745**




## ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ БА 123,8 ФОИЗ РАСИД



**Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки дар шаш моҳи аввали соли равон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 11,1 млрд. сомонӣ ва суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо ба 123,8 фоиз расонида шуд. Диққати асосӣ ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда равона гардида, дар ин давра 646,1 ҳазор тонна семент ва 695,3 ҳазор тонна ангишт истеҳсол карда шуд.**

Нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум суръати афзоиши истеҳсоли нахи пахта 144,9 фоиз ва газвори пахтагини тайёр 105,7 фоиз таъмин гардид.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шакли хоҷагидорӣ ба 3 миллиарду 365 миллиону 200 ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки ба 112,1 фоизи нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2021 баробар аст. Дар соҳаҳои растанипарварӣ ба маблағи 1 млрд. 647 млн. сомонӣ, чорводорӣ ба маблағи 1 млрд. 718 миллиону 200 ҳазор сомонӣ ва моҳипарварӣ ба маблағи 6 миллиону 500 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол шуда, суръати афзоиш мутаносибан 109 фоиз, 115,4 ва 110,3 фоиз таъмин гардидааст.

Зимни нишасти матбуотӣ масъулин бештар бобати афзун намудани ҷойҳои кор, болоравии нархи маҳсулоти ниёзи аввал дар бозорҳо, муносибатҳои ҳасанаву иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, таъмини мутахассисони ҷавон бо кору манзили зист, дастрасии хоҷагиҳои кишоварзӣ бо нуриҳои минералии истеҳсоли худӣ ва ғайраҳо пурсида шуданд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

## БЕМОРИИ БУҒУМДАРД ВА ТАШХИСИ 181 ҲАЗОРУ 282 САР ЧОРВО

**Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро баҳри иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ», «Дар бораи зотпарварӣ», «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо», «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ», «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» ба роҳ монда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид, - гуфт раиси он Муҳаммадсаид Файзуллозода дар нишасти матбуотие, ки 19 июли соли ҷорӣ баргузор гардид.**



Зикр шуд, ки баҳри муайян намудани вазъи эпизоотии ҷумҳурӣ нисбат ба бемории буғумдард 181 ҳазору 282 сар чорвои калони шохдор санҷида шуд. Дар 236 сар беморӣ муайян гардид, ки 190 сари он тибқи дастурамали мубориза бар зидди бемории брутселлёз забҳ гардиданд. Оид ба иҷрои корҳои инспексионии байторӣ 800 амр ва 1815 санад ва нисбат ба 1001 нафар протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, аз ин ҳисоб 196 ҳазору 729 сомонӣ ҷарима ба буҷети давлатӣ ворид шуд.

Дар давраи мавриди назар аз ҷониби мутахассисони озмоишгоҳҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар бозорҳои истеъмолии ҷумҳурӣ 562 ҳазору 368 ташхиси маҳсулоти озуқаворӣ гузаронида шуда, 27 ҳазору 661 кило маҳсулоти гӯштӣ, 6380 литр маҳсулоти ширӣ, 846 литр равғани растанӣ, 17 ҳазору 17 дона тухми паранда, 3181 кило меваи хушк, 56 ҳазору 604 кило сабзавот ва 4707 кило маҳсулоти полезӣ ҳамчун маҳсулоти бесифат ва хавфнок нобуд шуданд.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

**Дар ин бора раиси ноҳияи Шоҳмансур Билол Иброҳим 20 июли соли равон дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, афзуд, ки нақшаи аниқшудаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ 156 миллиону 400 ҳазор сомониро ташкил дода, дар асл ба буҷет 149,4 миллион сомонӣ (95,6 фоиз) ворид шуда, иҷрои нақшаи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ 98,5 фоиз таъмин гардид.**



## ҚИСМИ ДАРОМАДИ БУҶЕТ БЕШ АЗ 110 ФОИЗ ИҶРО ГАРДИД

Иттилоъ дода шуд, ки корхонаҳои саноатии ноҳия, бо назардошти сектори ғайридавлатӣ, дар ҳаҷми 247 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 41 миллиону 400 ҳазор сомонӣ зиёд аст ва 116,3 фоизи нишондиҳандаро ташкил менамояд.

Билол Иброҳим иброз дошт, ки дар нимсолаи аввали соли равон 74 ҳазору 96 бех дарахти ороишӣ, сояафкан ва мевадиҳанда, беш аз 980 адад гулҳои мавсимӣ шинонда шуд. Дар доираи омодагӣ ба зимистонгузаронии солҳои 2022 - 2023 соли ҷорӣ пайвастшавии 146 бинои иловагӣ барои қабули гармӣ ба нақша гирифта шуд.

Қарздории сокинону ташкилоту муассисаҳо аз пардохти маблағи партовҳои маишӣ, барқ ва об, савдои кӯчагии молу маҳсулот, ғасби қитъаи замин дар минтақаи шарқии ноҳия аз ҷумлаи масоили ҳалталаб арзёбӣ гардид.

- Ин масъалаҳо зери назорати доимӣ ва корбарии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия қарор доранд, - гуфт раиси ноҳияи Шоҳмансур.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## БЕШ АЗ 60 ФОИЗИ ХАТМКУНАНДАГОНИ ГУРӮҲҲОИ БУҶЕТӢ БО ҶОИ КОР ТАЪМИН МЕШАВАНД

**Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим 20 июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ доир ба натиҷаҳои фаъолияти донишгоҳ дар нимсолаи якуми соли 2022 маълумот дода, аз ҷумла изҳор дошт, ки масъалаи беҳтар гардонидани раванди таълим, фароҳам овардани шароити мусоиди таълим, истифода аз лабораторияҳои тахассусӣ, синфхонаҳои компютерӣ зери назари доимии раёсати донишгоҳ қарор дорад.**

- Таъминоти кадрии раванди таълим аз ҷумлаи масъалаҳои марказии такмили сифати таълим маҳсуб ёфта, дар донишгоҳ 371 нафар устодон, аз ҷумла 21 доктори илм ва 151 номзади илм, ба фаъолияти таълимӣ ҷалб шудаанд, - изҳор дошт ректор.

Дар посух ба саволи хабарнигор оид ба таъмин шудани хатмкунандагони донишгоҳ бо ҷои кор Ҳакимбек Абдуалимзода аз ҷумла изҳор дошт, ки ҳар



сол тақсимоти хатмкунандагони гурӯҳҳои буҷетии донишгоҳ дар асоси дархостҳои воридшуда сурат гирифта, онҳо ба вазорату идораҳо, муассисаю ташкилотҳои молиявию қарзӣ, корхонаҳои давлатӣ ва ташкилотҳое, ки ба мутахассисони соҳаи маориф, иқтисод ва идора эҳтиёҷ доранд, равон карда мешаванд. Аз ҳисоби умумии хатмкунандаҳои донишгоҳ ҳар сол ба ҳисоби миёна тақрибан 61 фоизашон бо ҷои кор таъмин мешаванд.

Бино ба маълумоти дастрасшуда, дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 800 нафар донишҷӯ аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Федератсияи Россия дар гурӯҳҳои рӯзона ва ғоибона таҳсил мекунанд ва ба таъбири ректор, онҳо ихтисосҳои калидӣ - молия, кори бонкӣ ва ба ин монандро интихоб намудаанд.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БАРОБАРӢ ВА БАРҲАМ ДОДАНИ ҲАМА ГУНА ШАКЛҲОИ ТАБЪИЗ

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии амалигардонии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробарро барои ҳамаи шахсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, низоми ҳуқуқии пешгирӣ ва ҳифзи самаранок аз ҳама гуна шаклҳои табъизро муқаррар менамояд.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Табъиз**

1. Табъиз ин ҳама гуна фарқиятгузорӣ, истиснокунӣ, маҳдудсозӣ ё афзалиятдиҳӣ мебошад, ки дар асосҳои воқеӣ ва (ё) эҳтимолӣ нисбат ба дилхоҳ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсон, хешовандони онҳо ё шахсони бо онҳо ба тариқи дигар алоқаманд ба вуҷуд омада, ба аломатҳои нажод, ранги пӯст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ва (ё) этникӣ, маъюбият, вазъи саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ё ҳолати дигар асос меёбад ва мақсад ё оқибати он бад кардан, нобуд сохтан ва (ё) кам нишон додани ҳуқуқу озодиҳои эътирофшуда, истифода ё амалӣ намудани тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар асоси баробарӣ мебошад.

2. Табъиз ҳама гуна шаклҳои онро, аз ҷумла рад намудани мутобиқшавии оқилонаро дар бар мегирад. Мутобиқшавии оқилона маънои ҳангоми зарурат дар ҳолатҳои мушаххас ворид намудани тағйиру навовариҳои зарурӣ ва дахлдор, аз ҷумла чораҳои пешгирӣ, ки боиси гаронии номутаносиб ва (ё) беасос намегарданд ва бо мақсади таъмин намудани амалигардонии тамоми ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ аз ҷониби шахсон дар баробари дигаронро дорад.

3. Чораҳои махсус ва муваққатӣ, ки бо мақсади таъмини дахлдори мусоидат ба шахсони алоҳида ё гурӯҳи шахсон барои истифода ё амалисозии ҳуқуқ татбиқ мешаванд, табъиз ҳисобида намешаванд, ба шарте ки дар натиҷаи амалӣ намудани чунин чораҳо ба гурӯҳҳои гуногуни шахсон ҳуқуқҳои махсус дода нашаванд. Чораҳои зерин табъиз ҳисобида намешаванд, ба шарте ки онҳо бо мақсадҳои қонунӣ ва риояи таносуби оқилона байни воситаҳои истифодашаванда ва мақсадҳои гузошташуда амалӣ карда шаванд:

1) натиҷаи амалисозӣ ё қабули чораҳои махсуси муваққатӣ барои роҳ надодан ба зарар ё ҷуброни он ба шахсони зарардида аз рӯйи нишонаҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда бошанд, ки дар навбати аввал ба аъзои гурӯҳҳои осебпазир, ба монанди шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, намояндагони ақаллиятҳои этникӣ, динӣ, миллӣ ё забонӣ, занон, кӯдакон, ҷавонон, пиронсолон ва шахсони дигари аз лиҳози иҷтимоӣ осебпазир, шахсони аз мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷабрдида, муҳоҷирони иҷбории дохилӣ, гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда бо мақсади таъмини иштироки пурраи онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт дахл доранд;

2) ба талабот нисбат ба шаҳрвандӣ, ки дар асос ва бо шартҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда асос ёфта бошанд, ба шарте ки чунин муқаррарот ягон шаҳрвандии мушаххасро мавриди табъиз қарор надиҳад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур ба ҳама сохторҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва самти фаъолияти онҳо, паҳн мегардад.

**Моддаи 4. Ҳуқуқ ба баробарӣ ва ҳифзи самаранок аз ҳама гуна шаклҳои табъиз**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд ва ба ҳифзи самаранок аз ҳама гуна шаклҳои табъиз ҳуқуқ доранд.

2. Ҳар як шахс ё гурӯҳи шахсоне, ки худро мавриди табъиз қароргирифта меҳисобанд, ҳуқуқ доранд ба мақомоти судӣ ва мақомоти дигари давлатӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ муроҷиат намоянд, инчунин ба ҷуброни муносиб, одилона ва (ё) қонеъкунанда барои ҳар гуна зараре, ки дар натиҷаи табъиз расонида шудааст, ҳуқуқ доранд.

3. Давлат ҳифзи ҳуқуқи баробар ва самаранок аз табъизро кафолат медиҳад ва барои пешбурди сиёсат ва барномаҳое, ки ба таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз равона шудаанд, чораҳо меандешад.

**Моддаи 5. Табъизи бевосита ва бавосита**

1. Табъиз дар шаклҳои бевосита ва бавосита ифода меёбад.

2. Табъизи бевосита ин ҳама гуна муносибат (амал ё беамалӣ) ё фароҳам овардани чунин шароите мебошад, ки шахсро бинобар нишонаҳои дар қисми 1 моддаи 1 Қонуни мазкур пешбинишуда ҳангоми истифодаи ҳуқуқҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида нисбат ба шахсони дигар, ки дар шароити ҳаммонанд қарор доранд, дар вазъияти ногувор мегузоранд ва (ё) гузошта метавонанд.

3. Табъизи бавосита ин муқаррароту асосҳо ва (ё) амалияе мебошад, ки зоҳиран безарар буда, вале оқибатҳои номутаносиби ҷиддӣ доранд, ки шахсро бинобар ягон нишонаи дар қисми 1 моддаи 1 Қонуни мазкур пешбинишуда нисбат ба шахсони дигари дар шароити ҳаммонанд қарордошта дар вазъияти ногувор мегузоранд ва (ё) гузошта метавонанд.

**Моддаи 6. Таъқиб**

1. Таъқиб ин рафтори номатлуби ба ягон асоси муқарраргардидаи Қонуни мазкур алоқаманд аст, ки мақсад ё натиҷаи он паст задани шаъну шарафи шахс ва (ё) ба миён овардани муҳити бадхоҳона, харобкорона, таҳдидкунанда, хусуматомез, пастзананда, таҳқиркунанда ё аламангез мебошад.

2. Таъқиби ҷинсӣ ин ҳама гуна шаклҳои рафтори бадхоҳона ва нохушоянди шифоҳӣ, ғайришифоҳӣ ё ҷисмонии хусусияти шаҳвонидошта мебошад, ки барои таҳқири шаъну шарафи шахс равона шудааст ё дар он ифода ёфтааст ва (ё) барои он муҳити ваҳмангез, хусуматомез, пастзананда, таҳқиркунандаи шаъну шарафи шахс ё ҳолати таҳқиромез ташкил карда шудааст.

3. Таъқиб дар ҷойи кор ин ҳама гуна шакли таъқиби ғайриҷисмонӣ дар ҷойи кор бо рафторҳои такроршаванда мебошад, ки ба шахс таъсири пастзананда, таҳқиркунанда мерасонад ва мақсади бад кардан ё боиси бад шудани шароити кории корманд ё мақоми касбии ӯро дорад.

**Моддаи 7. Таҳрик намудан ба табъиз**

Таҳрик намудан ба табъиз ин ҳама гуна муносибате мебошад, ки тавассути он шахс фишор ё рафтори муайянро бо мақсади табъизи шахси сеюм вобаста ба нишонаҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур анҷом медиҳад.

**Моддаи 8. Сегрегатсия (ҷудокунӣ)**

Сегрегатсия ин ҳама гуна муносибат (амал ё беамалӣ) мебошад, ки ба таври бевосита ва (ё) бавосита ба ҷудокунӣ ё фарқгузории шахс аз рӯйи нишонаҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур оварда мерасонад.

**Моддаи 9. Ҳолатҳои вазнинкунандаи табъиз**

1. Табъиз бо ҳолатҳои зиёд (ду ва зиёда ҳолат), табъизи такроршаванда (якчанд маротиба амалишуда), инчунин табъизи давомдор (дар давоми муддати дароз амалишаванда) ҳолатҳои вазнинкунандаи табъиз ҳисобида мешаванд.

2. Мақоми ваколатдори давлатии дахлдор ҳангоми муайян намудани андозаи ҷуброн барои зарари ғайримолумулкӣ ва (ё) зимни қабули қарор оид ба ҷарима барои ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар Қонуни мазкур муайян шудаанд, муқаррароти қисми 1 моддаи мазкурро ба инобат мегирад.

**Моддаи 10. Ҳимоя аз виктимизатсия**

Виктимизатсия, яъне таъқиб, ҳама гуна муносибати хусуматомез ва дар вазъияти номусоид қарор додани шахсоне, ки дар бораи табъиз хабар додаанд, оид ба табъиз шоҳидӣ додаанд, аз истифодаи амалҳои табъизӣ, ки бо супориши касе бояд сурат гирад, даст кашидаанд ё дар баррасии парвандаҳо оид ба табъиз тибқи муқаррароти Қонуни мазкур иштирок намудаанд, манъ аст.

**Моддаи 11. Истифодаи чораҳои мусбат**

1. Барои таъмини пурра ва самараноки амалигардонии ҳуқуқ, озодӣ ва имкониятҳои баробар, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, чораҳои мусбат татбиқ карда мешаванд.

2. Чораҳои мусбат ин чораҳои муваққатии махсуси қонунгузорӣ, маъмурӣ ва амалӣ мебошанд, ки ба ҳифзи шахсони нисбат ба шахсони дигар дар шароитҳои номусоид қарордошта ҷиҳати бартараф намудани ҳолати номусоиди дар гузашта бавуҷудомада ва таъмини ноилшавии баробарии комил равона карда шудаанд.

3. Чораҳои мусбат бояд то ноил шудан ба баробарии ҳуқуқӣ ё воқеӣ ва ҳамгироии иҷтимоии шахсон ва (ё) гурӯҳи шахсоне, ки нисбат ба шахсони дигар дар шароитҳои номусоид қарор доранд, татбиқ карда шаванд.

### БОБИ 2.
### САЛОҲИЯТ ВА ВАКОЛАТИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ БАРОБАРӢ ВА БАРҲАМ ДОДАНИ ҲАМА ГУНА ШАКЛҲОИ ТАБЪИЗ

**Моддаи 12. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз дорои салоҳияти зерин мебошад:

- таъмини таҳия ва пешбурди сиёсати ягонаи давлатии зиддитабъиз;
- тасдиқи тартиби гузаронидани медиатсия (миёнҷигарӣ) оид ба баҳсҳои табъиз;
- қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз;
- таъмин намудани мониторинги фаъолияти мақомоти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба таъмини баробарӣ ва барҳамдиҳии ҳама гуна шаклҳои табъиз;
- тасдиқи тартиби гузаронидани экспертизаи зиддитабъизии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи онҳо;
- мусоидат ба болоравии сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва иттилоотонии аҳолӣ оид ба манъи табъиз;
- амалӣ намудани салоҳияти дигар дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба табъиз тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 13. Мақоми ваколатдори давлатӣ ва ваколатҳои он дар таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз**

1. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз (минбаъд – мақоми ваколатдор) ба ҳисоб меравад.

2. Мақоми ваколатдор вобаста ба таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз чунин ваколатҳо дорад:

- оид ба такмили қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз таклифҳо пешниҳод менамояд;
- экспертизаи зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мегузаронад ва хулосаи худро оид ба мутобиқати лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба қонунгузорӣ дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз пешниҳод мекунад;
- ариза ва шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсонро оид ба ҳолатҳои табъиз баррасӣ менамояд;
- ҳолатҳои табъизро дар сурати мавҷуд будани ариза ё шикоят ва бо ташаббуси худ меомӯзад ва тавсияҳои дахлдор пешниҳод менамояд;
- оид ба оштикунонии тарафҳо миёни қурбонии эҳтимолии табъиз ва шахси эҳтимолан кирдори табъизро содиркарда чораҳо меандешад;
- дар сурати имконнопазир будани ҳалли масъала бо роҳи созиши тарафҳо ва мавҷуд будани маводи кофии тасдиққунандаи табъиз бо мақсади барқарор кардани ҳуқуқҳои қурбониёни табъиз ба мақомоти дахлдори давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавсияҳои дар ин самт таҳияшударо равон мекунад;
- дар сурати иҷро накардани тавсияҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ ё шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба суд оид ба иҷрои тавсияҳои худ муроҷиат мекунад;
- дар ҳолати содир шудани амалҳои табъизӣ, ки ҷиноят мебошанд, мақомоти таъқиби ҷиноятиро хабардор месозад;
- мониторинги риояи ҳуқуқ ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизро мегузаронад;
- маълумоти омориро оид ба ҳолатҳои табъиз, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот пешниҳод мешаванд, пеш мебарад ва таҳлил менамояд;
- чорабиниҳои омӯзишӣ ва маърифатӣ оид ба ҳуқуқ ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизро мегузаронад;
- оид ба масъалаҳои баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз бо мақомоти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамоҳангӣ ва ҳамкориро таъмин менамояд.

3. Барои амалигардонии ваколатҳо дар самти таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз дар дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди сохтории махсус таъсис дода мешавад.

**Моддаи 14. Маърӯзаи махсуси мақоми ваколатдор**

Ҳар сол на дертар аз моҳи феврал мақоми ваколатдор дар бораи вазъи риояи ҳуқуқ ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯзаи махсус нашр мекунад.

**Моддаи 15. Баррасии муроҷиатҳо аз ҷониби мақоми ваколатдор**

1. Мақоми ваколатдор баррасии ариза ё шикоятро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

2. Шахси ба мақоми ваколатдор бо ариза ё шикоят муроҷиаткунанда далелҳои кирдори табъизӣ ва маводи тасдиққунандаро пешниҳод менамояд.

3. Мақоми ваколатдор метавонад баррасии шифоҳӣ таъин намояд ва тарафҳоро барои ҳалли масъала бо роҳи оштии тарафҳо даъват намояд. Дар сурати ҳалли масъала бо роҳи оштии тарафҳо мақоми ваколатдор мониторинги иҷрои уҳдадориҳоро, ки дар санади оштӣ муайян шудаанд, мегузаронад.

4. Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пешниҳоди дархост уҳдадоранд ба мақоми ваколатдор мавод, ҳуҷҷатҳо, шарҳҳо ва дигар маълумоти ба баррасии муроҷиат алоқамандро пешниҳод намоянд.

5. Мақоми ваколатдор дар ҳолатҳои зерин баррасии муроҷиатро қатъ менамояд, агар нисбати ҳамон ҳолати эҳтимолии табъиз:

- баҳс дар суд мавриди баррасӣ қарор дошта бошад;
- пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷой дошта бошад;
- парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда бошад.

6. Мақоми ваколатдор баррасии муроҷиатро қатъ менамояд, агар нисбат ба ҳамон ҳолати эҳтимолии табъиз:

- санади судӣ оид ба эътирофи ҳолати табъиз вуҷуд дошта бошад;
- дар натиҷаи баррасии ариза ё шикоят ҳолати табъиз тасдиқи худро наёфта бошад.

7. Агар дар натиҷаи баррасии муроҷиат ҳолати табъиз тасдиқи худро ёбад, мақоми ваколатдор дар хусуси ба амал баровардани чорабиниҳо вобаста ба барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда тавсияҳо қабул менамояд.

**Моддаи 16. Ваколати мақомоти дигари давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз**

Мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо мақсади таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз дар робита бо фаъолияти худ ваколатҳои зеринро амалӣ месозанд:

- ҷиҳати мутобиқсозии фаъолияти худ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ ба Қонуни мазкур ва қонунгузории зиддитабъизӣ тадбирҳо меандешанд;
- бо мақсади таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз тадбирҳо меандешанд;
- ба ҳама гуна шикоятҳо оид ба табъиз зуд ва самаранок эътино менамоянд, онҳоро ба қайд мегиранд ва баррасӣ мекунанд;
- дар сурати тасдиқ шудани ҳолати табъиз шахсро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ мекашанд ва бартараф намудани оқибатҳои табъизро таъмин менамоянд;
- ҳамкории байни мақомоти давлатиро дар самти мазкур таъмин менамоянд;
- чорабиниҳои омӯзишӣ ва маърифатиеро, ки мақсади аз байн бурдани табъиз ва тамғаро (стигма) доранд, ба амал мебароранд;
- бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ доир ба масъалаҳои баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз ҳамкорӣ менамоянд;
- бо мақсади бақайдгирии ҳолатҳои табъиз ҳисоботдиҳии махсусро пеш мебаранд ва ба мақоми ваколатдор пешниҳод менамоянд;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои дигарро дар самти мазкур амалӣ месозанд.

### БОБИ 3.
### ҲУҚУҚҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ БАРОБАРӢ ВА БАРҲАМ ДОДАНИ ҲАМА ГУНА ШАКЛҲОИ ТАБЪИЗ

**Моддаи 17. Ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд:

- дар таҳияи санадҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз қабул мешаванд, ширкат варзанд;
- ҷиҳати бартараф кардани табъиз ва тамға (стигма) чорабиниҳои омӯзишӣ ва маърифатӣ гузаронанд;
- фаъолияти дигарро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд.

**Моддаи 18. Ҳуқуқҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз**

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияташон асосан ба масъалаҳои баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз равона шудааст, ҳуқуқ доранд:

- дар таҳияи санадҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз қабул карда мешаванд, иштирок намоянд;
- ба ҳайати мақомоти машваратию маслиҳатӣ оид ба масъалаҳои таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз намояндагони худро пешниҳод намоянд;
- оид ба масъалаҳои бартараф намудани табъиз ва тамға (стигма) чорабиниҳои омӯзишӣ ва маърифатӣ гузаронанд;
- оид ба масъалаҳои риояи ҳуқуқ ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз мониторинг гузаронанд;
- манфиатҳои шахсон ё гурӯҳи шахсонро, ки нисбаташон табъиз муайян карда шудааст ё манфиатҳои доираи шахсони номуайянро бо мақсади ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ, ки дар натиҷаи (амал ё беамалӣ) ҳолати табъиз ошкор ва тасдиқ шуда бошад, дар суд намояндагӣ кунанд;
- экспертизаи ҷамъиятии зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро гузаронанд;
- фаъолияти дигарро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд.

### БОБИ 4.
### ҲУҚУҚ БА ҲИМОЯ АЗ ТАБЪИЗ БО ТАРТИБИ СУДӢ

**Моддаи 19. Ҳуқуқи муроҷиат ба суд**

1. Ҳар як шахс ё гурӯҳи шахсон, ки худро ҷабрдидаи табъиз мешуморанд, ҳуқуқ доранд ба суд бо чунин талабот муроҷиат намоянд:

1) муқаррар намудани ҳолати вайронкунии ҳуқуқи шахс ба муносибати баробар;

2) манъ кардани амалҳое, ки ҳуқуқи шахс ба муносибати баробар ва (ё) амалӣ кардани тадбирҳо оид ба бартараф намудани табъиз ё оқибатҳои онро вайрон кардаанд ё метавонанд вайрон кунанд;

3) ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ барои риоя накардани ҳуқуқҳое, ки бо Қонуни мазкур ҳифз шудаанд;

4) беэътибор донистани санаде, ки боиси ба миён омадани ҳолати табъиз гардидааст;

5) бо талаботи дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

2. Муроҷиатҳо оид ба ҳимоя аз табъиз, ки дар қисми 1 моддаи мазкур номбар шудаанд, аз ҷониби суди дахлдор мутобиқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

**Моддаи 20. Баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба табъиз**

Баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба табъиз тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 21. Ҷуброни зарар аз рӯйи далели табъиз**

Ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ вобаста ба табъиз тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

### БОБИ 5.
### МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 22. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 23. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1890**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 286**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2022, № 773**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ИТТИҲОДИЯҲОИ ДИНӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №3, мод. 82; с. 2011, №6, мод. 450; с. 2018, №1, мод. 27) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 1. Муносибатҳое, ки Қонуни мазкур танзим менамояд

Қонуни мазкур муносибатҳои вобаста ба таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои диниро танзим намуда, вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои диниро муайян менамояд.».

2. Ба қисми 4 моддаи 5 баъд аз калимаҳои «даъват менамоянд» аломат ва калимаҳои «, инчунин таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсии хусусияти динидошта,» илова карда шаванд.

3. Дар қисми 2 моддаи 8, қисми 8 моддаи 10, ном ва матни моддаи 12 калимаҳои «муассисаҳои таълимии динӣ», «муассисаи таълими динӣ», «Муассисаҳои таълими динӣ» ва «муассисаҳои таълими динӣ» мувофиқан ба калимаҳои «муассисаҳои таълимии таҳсилоти динӣ», «муассисаи таълимии таҳсилоти динӣ», «Муассисаҳои таълимии таҳсилоти динӣ» ва «муассисаҳои таълимии таҳсилоти динӣ» иваз карда шаванд.

4. Ба қисми 3 моддаи 9 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Шахсоне, ки ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, инчунин дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнинро содир кардаанд, муассис ё ходимони иттиҳодияи динӣ шуда наметавонанд.».

5. Дар қисми 3 моддаи 23 калимаҳои «муассисаҳои давлатии томактабию мактабӣ» ба калимаҳои «муассисаҳои таълимӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1913**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №310**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2022, № 783**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ танзим намуда, ба таъмини аҳолӣ бо моҳӣ ва маҳсулоти коркардшудаи он равона гардидааст.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**1) моҳипарварӣ** – фаъолият оид ба парвариш, нигоҳдорӣ, истеҳсоли моҳӣ ва маҳсулоти коркардшудаи он, беҳсозии сифати намудҳои захираҳои моҳӣ дар объектҳои табиӣ ё сунъии об;

**2) объектҳои моҳипарварӣ** – моҳӣ, инчунин растаниҳои обӣ, ки дар объектҳои табиӣ ё сунъии об парвариш карда мешаванд;

**3) маҳсулоти моҳӣ** – маҳсулоти ғизоӣ ва маҳсулоти дигари аз моҳӣ ҳосилшаванда;

**4) моҳипарварӣ дар объектҳои табиии об** – маҷмӯи тадбирҳои таъмини раванди такрористеҳсолкунии захираҳои моҳӣ дар дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳо, инчунин қитъаҳои алоҳидаи онҳо;

**5) моҳипарварӣ дар ҳавзҳои сунъӣ** – парвариши моҳӣ дар ҳавзҳои барои ин мақсадҳо махсус бунёдшуда, ки дар онҳо раванди истеҳсолот аз парвариши моҳӣ аз тухмӣ то моҳии молӣ идора карда мешавад;

**6) моҳипарварии молӣ** – фаъолияти соҳибкорӣ оид ба нигоҳдорӣ ва парвариши моҳӣ дар объектҳои табиӣ ё сунъии об бо мақсади фурӯши минбаъдаи он;

**7) моҳипарварии ҳаваскорӣ** – парвариши моҳӣ бо мақсади истеъмоли шахсӣ ва истироҳат, инчунин қонеъ гардонидани талаботи эстетикӣ;

**8) хоҷагиҳои моҳипарварӣ** – шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба парвариш ва такрористеҳсолкунии захираҳои моҳӣ, моҳидорӣ, инчунин коркард ва фурӯши маҳсулоти моҳӣ машғул мебошанд;

**9) инфрасохтори моҳипарварӣ** – қитъаи замин, объектҳои сохтмони асосӣ, иншоот, аз ҷумла иншооти ёрирасон, дастгоҳ ва таҷҳизот, ҷазираҳои сунъӣ ва молу мулки дигар, ки барои таъмини фаъолият дар соҳаи моҳипарварӣ истифода бурда мешаванд;

**10) намуди моҳӣ** – гурӯҳи устувори моҳӣ, ки сифати муайяни муфид дорад ва бо аломату хусусиятҳои алоҳидаи ирсии худ фарқ мекунад;

**11) селаи моҳии наслдеҳ** – гурӯҳҳои синну соли гуногуни намуди моҳӣ, ки бо мақсадҳои такмили хусусиятҳои ирсӣ, такрористеҳсолкунӣ, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва нигоҳдории захираҳои моҳӣ истифода мешаванд;

**12) мутобиқкунонии моҳӣ** – маскунгардонии намудҳои моҳии арзишнок дар объектҳои об ва таъмини шароити мусоид барои худафзоишёбии он;

**13) Феҳристи давлатии хоҷагиҳои моҳипарварӣ** – махзани иттилоотӣ дар бораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парвариш, нигоҳдорӣ, истеҳсоли моҳӣ ва маҳсулоти коркардшудаи он, беҳсозии сифати намудҳои захираҳои моҳӣ машғул мебошанд;

**14) моҳигирӣ** – фаъолият оид ба сайди моҳӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият оид ба қабул, коркард, интиқол, нигоҳдорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти моҳӣ;

**15) моҳигирии ҳаваскорӣ ва варзишӣ** – сайди моҳӣ бо мақсадҳои истеъмоли шахсӣ, истироҳат ва гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ;

**16) моҳии молӣ** – моҳии парваришшуда, ки вазни молӣ дорад ва ҳамчун маҳсулоти ғизоӣ фурӯхта мешавад;

**17) ҳифзи захираҳои моҳӣ** – тадбирҳо оид ба нигоҳдорӣ ва барқарорсозии захираҳои моҳӣ, ки дар асоси корҳои илмию таҳқиқотӣ, такрористеҳсолкунӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои биологии обӣ ва ҳифзи муҳити зисти онҳо амалӣ карда мешаванд;

**18) мониторинги давлатии захираҳои моҳӣ** – низоми чорабиниҳо, ки раванди мушоҳида, омӯзиш ва баҳисобгирии захираҳои моҳиро дар объектҳои табиии об дар бар мегирад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Вазифаҳои Қонуни мазкур**

Вазифаҳои Қонуни мазкур аз инҳо иборат мебошанд:

1) таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти моҳӣ;

2) такрористеҳсолкунӣ, афзунгардонӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ;

3) такмили раванди технологии истеҳсол, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти моҳӣ;

4) танзими муносибатҳои иқтисодӣ вобаста ба истеҳсол, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти моҳӣ;

5) назорати давлатии муомилоти маҳсулоти моҳӣ;

6) пешгирии риоя накардани қоидаҳои моҳигирӣ ва сайди ғайриқонунии моҳӣ;

7) пешгирии ифлосшавии муҳити зисти моҳӣ аз партовҳои моддаҳои хатарнок ва зараровар.

**Моддаи 4. Объектҳои оби соҳаи моҳипарварӣ ва моҳигирӣ**

1. Объектҳои табиӣ ё сунъии об, инчунин қитъаҳои алоҳидаи онҳо объектҳои обе мебошанд, ки барои пешбурди фаъолият дар соҳаи моҳипарварӣ ва моҳигирӣ истифода бурда мешаванд.

2. Ҳавзи моҳипарварӣ дар асоси аризаи соҳибмулк ҳамчун объекти оби дорои аҳамияти моҳипарварӣ ба Феҳристи давлатии хоҷагиҳои моҳипарварӣ дохил карда мешавад.

**Моддаи 5. Хусусиятҳои истифодабарии қитъаҳои замин бо мақсадҳои моҳипарварӣ**

1. Бо мақсадҳои моҳипарварӣ қитъаҳои замини ишғолнамудаи объектҳои об (сойҳо, ҳавзҳо, аз ҷумла ҳавзҳои сунъии барои моҳипарварӣ бунёдшуда) истифода мешаванд.

2. Қитъаҳои замин барои сохтмони объектҳои асосӣ ва ёрирасон бо мақсадҳои моҳипарварӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба замин дода мешаванд.

### БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МОҲИПАРВАРӢ, МОҲИГИРӢ ВА ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ МОҲӢ

**Моддаи 6. Принсипҳои танзими давлатӣ дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ**

Танзими давлатии муносибатҳо дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) самаранокии моҳипарварӣ;

2) ҳифзи муҳити зист ва захираҳои моҳӣ;

3) дастгирии давлатии рушди моҳипарварӣ;

4) иштироки шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

5) дастрасии ройгон ба иттилоот.

**Моддаи 7. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ мансубанд:

1) таъмини амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи моҳипарварӣ;

2) муқаррар намудани шаклҳои дастгирии давлатӣ дар соҳа;

3) қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ;

4) тасдиқи барномаҳои давлатӣ оид ба моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ;

5) муайян намудани самтҳои асосии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳа;

6) амалӣ намудани салоҳиятҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ оид ба моҳипарварӣ ва моҳигирӣ ваколатҳои зерин дорад:

1) амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи моҳипарварӣ ва моҳигирӣ;

2) мусоидат ба рушди парвариш, истеҳсол ва ташаккули бозори маҳсулоти моҳӣ;

3) арзёбӣ ва мониторинги раванди парвариш ва истеҳсоли моҳии молӣ дар объектҳои сунъии об;

4) пешбурди Феҳристи давлатии хоҷагиҳои моҳипарварӣ;

5) амалӣ намудани барномаҳои давлатии рушди соҳаи моҳипарварӣ;

6) омодасозии тавсияҳо оид ба такрористеҳсолкунии захираҳои моҳӣ дар ҳавзҳои сунъии моҳипарварӣ;

7) иштирок дар кори комиссияҳои давлатӣ оид ба қабули захираҳои моҳипарварӣ;

8) андешидани тадбирҳо оид ба такмили хусусиятҳои ирсии намуд, такрористеҳсолкунӣ ва мутобиқкунонии моҳӣ дар ҳавзҳои моҳипарварӣ;

9) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист оид ба моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ ваколатҳои зерин дорад:

1) амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи захираҳои моҳӣ;

2) ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти илмию техникӣ ва тадбирҳои мутобиқкунонии моҳӣ, инчунин омодасозии тавсияҳо оид ба истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои моҳӣ;

3) таҳияи регламентҳои техникӣ ва қоидаҳои моҳигирӣ;

4) назорати давлатии истифодаи захираҳои моҳӣ дар объектҳои табиии об;

5) ба хоҷагиҳои моҳипарварӣ додани иҷозат барои истифодаи махсуси об ва партофтани обҳои партов;

6) назорати давлатии риояи меъёрҳои муқарраршудаи истифодаи об, сифат ва ҳаҷми обҳои партов дар хоҷагиҳои моҳипарварӣ;

7) муқаррар намудани квотаҳои сайди захираҳои моҳӣ дар объектҳои табиии об;

8) ташкил ва гузаронидани мониторинги ҳолати истифодабарии захираҳои моҳӣ дар объектҳои табиии об;

9) таъмини фаъолияти Шӯрои илмию истеҳсолии моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ;

10) амалӣ намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифз ва истифодаи захираҳои моҳӣ;

11) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ оид ба таъмини бехатарии маҳсулоти моҳӣ ваколатҳои зерин дорад:

1) ташхиси байторию бехдошти маҳсулоти моҳӣ;

2) санҷиши амализосии чораҳои зиддиэпизоотӣ ва беҳдошти байторӣ дар хоҷагиҳои моҳипарварӣ;

3) иштирок дар кори комиссияҳои давлатӣ оид ба қабул ва истифодаи ҳавзҳои моҳипарварӣ ва корхонаҳои коркарди моҳӣ;

4) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 9. Мониторинги давлатии захираҳои моҳӣ**

Мониторинги давлатии захираҳои моҳӣ бо мақсадҳои зерин бурда мешавад:

1) омодасозии иттилооти ҳарсолаи захираҳои моҳӣ ва истифодаи он дар пешбурди соҳаи моҳипарварӣ ва моҳигирӣ;

2) ошкор ва пешгӯӣ намудани равандҳое, ки ба вазъи захираи моҳӣ ва муҳити зисти онҳо таъсир мерасонанд;

3) ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои моҳӣ, аз ҷумла ҳангоми зарурат ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо барои моҳигирӣ;

4) таҳияи тадбирҳо оид ба ҳифзи захираҳои моҳӣ ва барқароркунии онҳо.

### БОБИ 3. ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ МОҲИПАРВАРӢ

**Моддаи 10. Тартиб ва намудҳои фаъолият дар соҳаи моҳипарварӣ**

1. Тартиби фаъолият дар соҳаи моҳипарварӣ мутобиқи Қонуни мазкур ва регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

2. Моҳипарварӣ истеҳсоли кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Хоҷагиҳои моҳипарварӣ метавонанд фаъолияти худро бо намудҳои такрористеҳсолкунии сунъии моҳӣ, моҳипарварии молӣ ва ҳаваскорӣ амалӣ намоянд.

**Моддаи 11. Моҳипарварӣ дар ҳавзҳо, обанборҳо ва объектҳои дигари обии махсус таҷҳизонидашуда**

1. Моҳипарварӣ дар ҳавзҳо, обанборҳо ва объектҳои дигари оби махсус таҷҳизонидашуда маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ободонӣ, кофтани чоҳҳо, ташкили садд ва сарбанд, иншооти обгирӣ, обпарто ва моҳигирӣ, инчунин усулҳои афзоиши сунъӣ, гизодиҳӣ ва фароҳам овардани шароити муносиби нигоҳдории моҳиро дар бар мегирад.

2. Хоҷагиҳои моҳипарварӣ метавонанд дар ҳавзҳо, обанборҳо ва объектҳои дигари обии махсус таҷҳизонидашуда бо низомҳои зерин парвариши моҳиро ташкил намоянд:

1) парвариши моҳӣ аз тухмӣ то моҳии молӣ, инчунин парвариши моҳии наслдеҳ ва моҳичаҳо;

2) парвариши моҳичаҳо то яксола ва яксола;

3) парвариши моҳии молӣ.

3. Ҳавзҳо, обанборҳо ва объектҳои дигари оби махсус барои моҳипарварӣ таҷҳизонидашуда бо риояи талаботи ҳифзи муҳити зист, меъёрҳои сохтмонӣ, санитарию беҳдоштӣ ва талаботи дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд.

**Моддаи 12. Моҳипарварии молӣ**

1. Моҳипарварии молӣ дар объектҳои сунъии об бо истифодаи дастгоҳои махсуси танзимкунандаи ҳарорат ва омилҳои дигари фароҳамовари шароити сунъии муҳити зист амалӣ карда мешавад.

2. Истеҳсоли моҳии молӣ, инчунин мониторинг, назорати сифат ва бехатарии интиқоли он мутобиқи стандартҳо ва регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 13. Моҳипарварии ҳаваскорӣ**

1. Моҳипарварии ҳаваскорӣ аз ҳисоби захираҳои моҳии дар объектҳои табиӣ ва (ё) дар шароити сунъии муҳити зист парваришшуда ташкил карда мешавад.

2. Моҳипарварии ҳаваскорӣ дар объектҳои оби минтақаҳои истироҳатӣ, инчунин объектҳои дигари об тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 14. Такмили хусусиятҳои ирсӣ, такрористеҳсолкунии сунъӣ ва мутобиқкунонии моҳӣ**

1. Такмили хусусиятҳои ирсии моҳӣ барои мунтазам гирифтани насл бо роҳи ташкил ва парвариши селаи моҳии наслдеҳи арзишноки ирсӣ амалӣ карда мешавад.

2. Парвариш, такмил ва баҳисобгирии селаи моҳии наслдеҳ тибқи нақша аз ҳисоби хоҷагиҳои моҳипарварӣ амалӣ карда мешавад.

3. Такрористеҳсолкунии сунъии моҳӣ дар заминаи чорабиниҳои илман асосноккшуда, бо роҳҳои парвариш ва сар додани моҳичаҳо, амалӣ намудани корҳо оид ба мутобиқкунонии моҳӣ ва беҳдошти объектҳои об, аз объектҳои табиии об доштан ва ба зиёд кардани моҳии дорои аломатҳои фоиданоки насл ва барои истеҳсолот аҳамиятдошта, амалӣ карда шаванд.

4. Чорабиниҳо оид ба такрористеҳсолкунии сунъӣ ва мутобиқкунонии моҳӣ дар объектҳои табиӣ ва сунъии об аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор тибқи шартномаи дар мувофиқа бо мақоми дахлдори ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва (ё) кишоварзӣ бастаашуда амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 15. Шартномаи истифодаи объектҳои табиӣ ва сунъии об, ки моликияти давлатӣ мебошанд**

1. Объектҳои табиӣ ва сунъии об, ки моликияти давлатӣ мебошанд, ба хоҷагиҳои моҳипарварӣ дар асоси шартнома барои истифодаи муваққатӣ метавонанд дода шаванд.

2. Шартномаи истифодаи объектҳои табиӣ ва сунъии об маълумоти асосии зеринро дар бар мегирад:

1) мавзӯъ ва мӯҳлати шартнома;

2) макони ҷойгиршавӣ ва масоҳати объекти об;

3) дурнамои ҳаҷми сар додани селаи моҳичаҳо ба объекти об, парвариши моҳӣ ва моҳигирӣ аз объекти об;

4) маълумот дар бораи объектҳои инфрасохтори хоҷагиҳои моҳипарварӣ;

5) чорабиниҳои мелиоративии аз тарафи хоҷагиҳои моҳипарварӣ дар объектҳои об амалишаванда;

6) тартиби ҷуброни зарар;

7) уҳдадориҳои хоҷагиҳои моҳипарварӣ оид ба ҳифзи муҳити зист.

### БОБИ 4. ҲУҚУҚ БА ЗАХИРАҲОИ МОҲӢ

**Моддаи 16. Ҳуқуқи моликият ба захираҳои моҳӣ**

1. Захираҳои моҳии объектҳои оби хусусияти табиидошта моликияти истисноии давлат мебошанд.

2. Захираҳои моҳии объектҳои сунъии об тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд моликияти давлатӣ ё хусусӣ бошанд.

**Моддаи 17. Ҳуқуқи истифодаи захираҳои моҳӣ дар объектҳои табиии об**

Ҳуқуқи истифодаи захираҳои моҳӣ дар объектҳои табиии об пас аз гирифтани квотаи сайди моҳӣ ва дар асоси шартномаи истифодаи қитъаҳои алоҳидаи объектҳои табиии об барои моҳипарварӣ ва моҳигирӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 18. Маҳдудиятҳо ва қатъ кардани ҳуқуқи истифодаи захираҳои моҳӣ**

1. Бо мақсади таъмини ҳифзи захираҳои моҳӣ дар ҳолатҳои муқарарнамудаи Қонуни мазкур ва бо тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои моҳигирӣ метавонанд маҳдудиятҳои зерин ҷорӣ карда шаванд:

1) манъ кардани моҳигирӣ дар объектҳои оби ҳудудҳои дахлдори табиии махсус муҳофизатшаванда ва (ё) намудҳои алоҳидаи захираҳои моҳӣ;

2) муқаррар кардани ҳаҷм, андоза, вазн ва таркиби сайди захираҳои моҳӣ;

3) муайян кардани намуд ва миқдори воситаҳои барои моҳигирӣ иҷозатшуда ва усулҳои сайди захираҳои моҳӣ;

4) муайян кардани давраҳои моҳигирӣ дар объектҳои об.

2. Ҳуқуқи истифодаи захираҳои моҳӣ дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

1) ба охир расидани мӯҳлати истифодаи объекти табиии об барои моҳипарварӣ ва моҳигирӣ;

2) бо ариза ихтиёран даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи объектҳои табиӣ ва сунъии об барои моҳипарварӣ ва моҳигирӣ;

3) барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ё фавти шахси воқеӣ;

4) бо қарори суд;

5) ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### БОБИ 5. МОҲИГИРӢ

**Моддаи 19. Намудҳои моҳигирӣ**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд ба намудҳои зерини моҳигирӣ машғул шаванд:

1) моҳигирии саноатӣ;

2) моҳигирӣ бо мақсадҳои илмию таҳқиқотӣ ва назоратӣ;

3) моҳигирӣ бо мақсадҳои моҳипарварӣ, такрористеҳсолкунӣ ва мутобиқкунонии захираҳои моҳӣ;

4) моҳигирии ҳаваскорӣ ва варзишӣ.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд ба як ё якчанд намуди моҳигирӣ, ки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, машғул шаванд.

3. Қоидаҳои моҳигирӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 20. Моҳигирии саноатӣ**

1. Моҳигирии саноатӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки аз қайди давлатӣ гузаштаанд, амалӣ карда мешавад.

2. Қоидаҳои истифодаи объектҳои табиии об ё қитъаҳои алоҳидаи онҳо, истифодаи намуди киштии моҳигирӣ, восита ва усулҳои сайди захираҳои моҳиро барои моҳигирии саноатӣ мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян менамояд.

3. Моҳигирии саноатӣ дар объектҳои оби ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда манъ мебошад.

**Моддаи 21. Моҳигирӣ бо мақсадҳои илмию таҳқиқотӣ ва назоратӣ**

1. Моҳигирӣ бо мақсадҳои илмию таҳқиқотӣ ва назоратӣ дар объектҳои табиии об тибқи барнома ва нақшаҳои илмию таҳқиқотӣ ва назорати барои пешбурди мониторинги давлатии захираҳои моҳӣ ва корҳои илмӣ, муайян кардани ҳаҷми моҳигирии имконпазир ва (ё) ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо барои ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои моҳӣ амалӣ карда мешавад.

2. Қоидаҳои моҳигирӣ бо мақсадҳои илмию таҳқиқотӣ ва назоратӣ дар объектҳои табиии об аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян карда мешаванд.

3. Пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва назоратиро дар объектҳои сунъии об мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ амалӣ менамояд.

**Моддаи 22. Моҳигирӣ бо мақсадҳои моҳипарварӣ, такрористеҳсолкунӣ ва мутобиқкунонии моҳӣ**

1. Моҳигирӣ бо мақсадҳои моҳипарварӣ, такрористеҳсолкунӣ ва мутобиқкунонии моҳӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мутобиқи қоидаҳо ва квотаҳои сайди моҳӣ амалӣ карда мешавад.

2. Моҳигирӣ бо мақсадҳои моҳипарварӣ, такрористеҳсолкунӣ ва мутобиқкунонии моҳӣ тавассути парвариши моҳии молӣ, ҳифзи намудҳо, мунтазам гирифтани насл бо роҳи ташкил ва парвариши селаҳои моҳии наслдеҳи дорои арзиши ирсию хоҷагидорӣ ва ба объектҳои об сар додани онҳо амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 23. Моҳигирии ҳаваскорӣ ва варзишӣ**

1. Моҳигирии ҳаваскорӣ ва варзишӣ ба шахсони воқеӣ бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур иҷозат дода мешавад.

2. Қоидаҳои моҳигирии ҳаваскорӣ ва варзишӣ, инчунин номгӯи истифодаи воситаҳои моҳигирӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муқаррар карда мешаванд.

3. Моҳигирии ҳаваскорӣ ва варзишӣ метавонанд бо шартҳои баргардонидани захираҳои моҳии сайдшуда ба муҳити маскуни онҳо ва бе баргардонидани онҳо амалӣ карда шаванд.

4. Моҳигирии ҳаваскорӣ ва варзишӣ дар объектҳои об, инчунин дар қитъаҳои алоҳидаи ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои моҳигирӣ ҷудогардида, бо розигии онҳо анҷом дода мешаванд.

5. Моҳигирии ҳаваскорӣ ва варзишӣ дар объектҳои табиии об, инчунин қитъаҳои алоҳидаи онҳо бо иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 24. Квотаҳои сайди моҳӣ дар объектҳои табиии об**

1. Квотаҳои сайди моҳӣ дар объектҳои табиии об дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи сайд муайян карда мешаванд.

2. Квотаҳои сайди моҳӣ дар объектҳои табиии об ҳар сол барои моҳигирии саноатӣ, такрористеҳсолкунӣ, мутобиқкунонӣ, ташкили моҳигирии ҳаваскорӣ ва варзишӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар асоси хулосаи илман асоснокшуда муайян ва тасдиқ карда мешаванд.

3. Бекор кардан ва (ё) ба дигар субъекти моҳигирӣ тақсим кардани квотаҳои сайди моҳӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист анҷом дода мешавад.

**Моддаи 25. Шӯрои илмию истеҳсолии моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ**

1. Шӯрои илмию истеҳсолии моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ бо мақсади таҳияи тавсияҳо оид ба пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ, ҳифз ва истифодаи захираҳои моҳӣ таъсис дода мешавад.

2. Низомнома ва ҳайати Шӯрои илмию истеҳсолии моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

### БОБИ 6. ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ МОҲӢ ВА МУҲИТИ ЗИСТИ ОНҲО

**Моддаи 26. Мелиоратсияи объектҳои об**

Мелиоратсияи объектҳои об бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди зист, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои моҳӣ тибқи лоиҳаҳои тасдиқшуда гузаронида мешавад ва тадбирҳои беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои ҳолатҳои гидрологӣ, гидрогеохимиёвӣ, бунёди дастгоҳҳои муҳофизати моҳӣ ва экологии объектҳои обро дар бар мегирад.

**Моддаи 27. Меъёрҳои сифати объектҳои об ва низоми обии онҳо**

1. Меъёрҳои сифати об дар объектҳои об, аз ҷумла меъёрҳои ҳадди имконпазири моддаҳои зараровар дар онҳо аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

2. Ба объектҳои оби аҳамияти моҳипарваридошта партофтани обҳои партов, ки ҳадди имконпазири моддаҳои зараровар дар онҳо муайян нест ва (ё) аз меъёр зиёд аст, манъ мебошад.

3. Низоми гидрологии объекти об бо мақсади ҳифзи захираҳои моҳӣ муқаррар ва танзим карда мешавад.

**Моддаи 28. Ҷойгир кардан, лоиҳакашӣ, сохтмон, таъмир ва ба истифода додани объектҳои хоҷагидорӣ ва объектҳои дигари ба захираҳои моҳӣ таъсиррасонанда**

Ҳангоми ҷойгир кардан, лоиҳакашӣ, сохтмон, таъмир, барқарорсозӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои нав, ба истифода додани объектҳои хоҷагидорӣ ва объектҳои дигар оқибатҳои таъсири манфӣ ба вазъи захираҳои моҳӣ ва муҳити зисти онҳо, инчунин чораҳои пешгирии чунин таъсир ба инобат гирифта мешаванд.

### БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 29. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ**

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 30. Тартиби ҳалли баҳсҳо дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ**

Баҳсҳо дар соҳаи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 31. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 32. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» аз 19 сентябри соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 8-9, мод. 654) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 33. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1892**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №295**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2013, №1239 «Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №6, мод.434) аз эътибор соқит дониста шавад..

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, №747**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи идоракунии давлатии муомилот, назорати сифат, таъминот бо дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ танзим намуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони фаъолияти фарматсевтӣ, принсипҳо, ваколат, ҷараёни коркард, таъминоти иттилоотро дар ҳамин самт муайян менамояд.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**1) дору (маводи доругӣ)** – модда ё ҷамъи моддаҳо, ки ба организми инсон ё ҳайвон, ба узвҳо ва бофтаҳои онҳо ворид шуда, барои пешгирӣ, ташхис (ба истисноии моддаҳо ва ҷамъи онҳо, ки бо организми инсон ё ҳайвон дар расиш нестанд), табобати бемориҳо, барқарорсозӣ, нигоҳдорӣ, пешгирӣ ё қатъи ҳомиладорӣ истифода шуда, аз хун ва ҷибла (плазма)-и он, узвҳо ва бофтаҳои инсон ё ҳайвон, растаниҳо ва маъданҳо бо роҳи тавлиф (синтез) ё бо истифодаи усулҳои технологияҳои биологӣ ҳосил карда мешаванд. Ба қатори дору инчунин субстансияҳои фарматсевтӣ ва воситаи доруӣ дохил мешаванд;

**2) доруи асил** – доруе, ки аз дигар доруҳои пештар бақайдгирифташуда бо моддаи фаъоли фарматсевтӣ ё комбинатсияи чунин моддаҳо фарқ мекунад;

**3) доруи бақайдгирифташуда** – доруе, ки аз санҷиши назоратию клиникӣ ва экспертизаи меъёрию техникии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ гузашта, ба Феҳристи давлатии доруҳо дохил карда шудааст;

**4) доруи бесифат** – доруе, ки бинобар мутобиқат накардан ба талаботи стандартҳои муқарраршуда барои истифодабарӣ номувофиқ аст;

**5) доруи генерикӣ** – доруе, ки ба доруи асил аз рӯи таркиби моддаҳои фаъол, нишондодҳои сифат, судбахшӣ ва бехатарӣ ҳаммонанд аст ва баъди гузаштани мӯҳлати амали ҳуқуқии патент ба муомилот бароварда шудааст;

**6) доруи қалбакӣ –** доруе, ки маълумоти беэътимодро оид ба таркиб ё истеҳсолкунандаи онро дар бар мегирад;

**7) дорухат** – ҳуҷҷате, ки дорои муроҷиати хаттии табиб оид ба додани дору аз дорухонаҳо бо нишондоди воя ва тарзи истеъмоли он мебошад;

**8) дорухона** – муассисае, ки дар он нигоҳдорӣ, тайёр кардан, харид, назорати сифат, фурӯши дору ва савдои молҳои тиббӣ сурат мегирад, инчунин маълумоти дахлдор оид ба доруҳо дода мешавад;

**9) доруҳои асосӣ** – маводе, ки эҳтиёҷоти афзалиятноки аҳолиро дар соҳаи тандурустӣ қонеъ мегардонанд;

**10) ғизои таъинотӣ** – ғизо барои кӯдакони ширмак, ки тавассути воситаҳои махсус, шишачаҳои ширмаконӣ (шишачаҳои ширдӯшӣ), маккаку пистонак дода мешавад;

**11) молҳои тиббӣ** – маснуот ва масолеҳе, ки дар амалияи тиб барои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳо истифода мешаванд. Ба онҳо мавод (бандиш, дӯзиш, масрафшаванда) ва маснуоти тиббӣ (таҷҳизоти тиббӣ, ашёи парасторӣ) дохил мешаванд;

**12) фаъолияти фарматсевтӣ** – намуди фаъолиятест, ки ихтироъ, коркард, истеҳсол, тайёр кардан, нигоҳдорӣ, бастабандӣ, ҳамлу нақл, бақайдгирии давлатӣ, стандартикунонӣ, назорати сифат, тамғагузорӣ, савдо, реклама, истифодаи дору ва дигар амалиётро дар самти муомилоти дору ва молҳои тиббӣ дар бар мегирад;

**13) амалияҳои муносиби фарматсевтӣ дар соҳаи муомилоти дору** – қоидаҳое, ки тамоми доираҳои муҳими муомилоти доруро дар бар мегиранд: амалияи муносиби лабораторӣ, амалияи муносиби клиникӣ, амалияи муносиби истеҳсолӣ, амалияи муносиби назорати фармакологӣ, амалияи муносиби дорухонагӣ, амалияи муносиби интиқол ё паҳн намудани дору;

**14) ашёи хоми доруӣ** – мавод аз растанӣ, узвҳои аз ҳайвон ҳосилшуда, моддаҳои минералӣ, химиявӣ ва дигаре, ки қисман коркард шудаанд ва аз таркиби онҳо моддаҳои доруӣ (субстратҳо)-и дорои хосияти шифобахшӣ ҷудо гардида, барои омода ва истеҳсоли дору истифода карда мешаванд;

**15) бақайдгирии давлатии содакардашудаи дору ва молҳои тиббӣ** – бақайдгирии дору ва молҳои тиббӣ ҳангоми гузаронидани амалиёти ҳарбӣ, бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулода, хурӯҷи эпидемия ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур истифодашаванда, ки зимни онҳо талабот ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда сабук ва мӯҳлати баррасии онҳо коҳиш меёбад;

**16) бастабандии дору ва молҳои тиббӣ –** восита ва ё маҷмӯи воситаҳое, ки ҳангоми раванди муомилоти дору ва молҳои тиббӣ ҳифзи онҳоро аз осебёбӣ ва талафот, инчунин аз ифлосшавӣ аз муҳити атроф таъмин менамояд;

**17) бехатарии дору** – тавсифи дору, ки ба таҳлили қиёсии судбахшӣ ва дараҷаи хавфнокии онҳо асос ёфтааст;

**18) воситаи доруӣ** – дору дар шакли муайяни мусоид, ки барои пешгирӣ, ташхис, табобати бемориҳо, барқарорсозӣ, нигоҳдорӣ, пешгирӣ ё қатъи ҳомиладорӣ истифода мешавад;

**19) воситаҳои парафарматсевтӣ** – моддаи фаъоли биологӣ, ки дорои таъсири муайяни фармакологӣ буда, дар самти пешгирии бемориҳо, инчунин табобати ёрирасону танзими фаъолнокии узвҳо ва системаҳои организми инсон истифода мешавад. Воситаҳои парафарматсевтӣ иловагиҳои фаъоли биологӣ ба ғизо, воситаҳои санитарию гигиенӣ ва воситаҳои ороишии хусусияти табобатию пешгирикунандаро дар бар мегиранд;

**20) муомилоти дору** – коркард, озмоишҳои токлиникӣ ва клиникӣ, экспертиза, бақайдгирӣ ва азнавбақайдгирии давлатӣ, стандартонӣ ва назорати сифат, судбахшӣ, бехатарӣ, истеҳсол, тайёркунӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, воридот ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содирот аз он, ҷудо карда додан, фурӯхтан, истифода, реклама ва нобуд кардани дору;

**21) дастурамал оид ба истифодаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ** – ҳуҷҷате, ки бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ шуда, маълумот оид ба тартиб ва усулҳои истифодаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро дар бар мегирад;

**22) дастури фармакопеӣ** – санади меъёрию техникие, ки талаботро оид ба сифати дору, бастабандии онҳо, шароит ва мӯҳлати нигоҳдорӣ, усулҳои таҳлили сифати дору муайян мекунад;

**23) фармакопеяи давлатӣ** – маҷмӯи санадҳое, ки сифати дору ва усулҳои муайян намудани онҳоро ба танзим медароранд;

**24) истеҳсоли дору** – ҷараёни технологии ба даст овардани дору, баркашӣ, бастабандӣ ва тамғагузории онҳо;

**25) истеҳсоли шартномавии дору ва молҳои тиббӣ** – истеҳсоли дору ва молҳои тиббӣ тибқи фармоиш дар корхонаҳои истеҳсолие, ки истеҳсолкунанда риояи пурраи талаботи амалияи муносиби истеҳсолӣ ва стандарти байналмилалии молҳои тиббиро таъмин менамояд;

**26) маводи фармакологӣ** – моддаи фаъоли биологӣ ва ё омехтаи онҳо, ки дорои таъсири муайяни фармакологӣ буда, объекти озмоиши клиникӣ мебошад;

**27) мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ** – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ мекунад ва ба раванди ташхис, пешгирӣ ва табобат дар ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ, назорат ва роҳбарӣ менамояд;

**28) мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ** – мақоме, ки назорати давлатиро дар соҳаи фаъолияти фарматсевтӣ, муомилоти дору ва молҳои тиббӣ, муомилоти қонунии воситаҳои доруии нашъадор, психотропӣ ва прекурсорҳои дар тиб истифодашаванда, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ амалӣ менамояд;

**29) моддаи ёрирасон** – модда ё омезиши (комбинатсияи) якчанд моддае, ки таъсири фармакологӣ надоранд ва ҳангоми истеҳсоли дору истифода мешаванд;

**30) назорати сифати дору** – маҷмӯи чорабиниҳое, ки ба воситаи онҳо мутобиқати дору ба талаботи санадҳои меъёрию техникӣ санҷида ва таъмин карда мешавад;

**31) назорати фармакологӣ** – намуди фаъолият, ки ошкоркунӣ, баҳодиҳӣ, дарк намудан ва пешгирии зуҳуроти номатлуб ва дигар мушкилоти вобаста ба истифодабарии доруро дар бар мегирад;

**32) номи тиҷоратии дору** – номи доруе, ки аз ҷониби таҳиягари он, дорандаи шаҳодатномаи бақайдгирӣ ё истеҳсолкунанда муайян шудааст;

**33) номҳои байналмилалии патентнашудаи дору** – номи доруе, ки Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ тавсия додааст;

**34) озмоиши клиникӣ** – озмоише, ки бо иштироки инсон ҳамчун субъект барои муайян ё тасдиқи бехатарӣ ва судбахшии воситаҳо, усулҳо ва технологияҳои пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳо гузаронида мешавад;

**35) озмоиши токлиникӣ** – маҷмӯи тадқиқоти илмии таҷрибавии фармакологӣ, токсикологӣ ва дигари моддаҳои фаъоли биологӣ, воситаи фармакологӣ, дору, субстансияи фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ бо мақсади омӯхтани судбахшӣ ва бехатарии онҳо;

**36) сифати дору** – мутобиқати дору ба Стандарти давлатии сифати дору;

**37) субстансияи фарматсевтӣ** – дору дар шакли як ё якчанд моддаҳои дорои таъсири фармакологӣ, новобаста аз табиати пайдоиш, ки барои истеҳсол ва тайёр кардани воситаи доруӣ истифода шуда, судбахшии табобатии онҳоро муайян менамояд;

**38) субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти фарматсевтӣ машғул мебошанд;

**39) судбахшии дору** – тавсифоти дараҷаи таъсири мусбати шифоии дору ба ҷараёни беморӣ;

**40) таъсири номатлуб** – реаксияи организм дар робита ба истифодаи дору дар вояи тавсияшуда ҷиҳати истифодабарии он барои пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳо бо мақсади барқарорсозӣ;

**41) Феҳристи давлатии доруҳо** – санади дорои маълумот дар бораи доруҳое, ки истеҳсол ва истифодаи онҳо дар амалияи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст;

**42) фурӯши чаканаи дору ва молҳои тиббӣ** – яке аз намудҳои фаъолияти фарматсевтӣ вобаста ба харид (ба истисноии воридот), нигоҳдорӣ, тақсимот, фурӯш (ба истисноии содирот)-и дору ва молҳои тиббӣ ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ мебошад;

**43) фурӯши яклухти дору ва молҳои тиббӣ –** харид, нигоҳдорӣ, воридот, содирот, фурӯши дору ва молҳои тиббӣ (ба истисноии фурӯш ба аҳолӣ) бидуни маҳдуд кардани ҳаҷм мебошад;

**44) ҳуҷҷати меъёрӣ доир ба назорати сифат** – ҳуҷҷати аз ҷониби истеҳсолкунанда таҳияшаванда ва маҷмӯи талабот оид ба назорати сифати доруро дар асоси таҳлили гузаронидашуда муайянкунанда, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ тасдиқ карда мешавад;

**45) шаҳодатномаи бақайдгирии дору ва молҳои тиббӣ** – ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ба қайди давлатӣ гирифтани дору ва молҳои тиббӣ мебошад;

**46) эквиваленти биологии дору** – ду доруи дорои миқдори якхелаи моддаи таъсиркунанда, дар сурате аз ҷиҳати биологӣ эквивалент (баробар) ҳисобида мешаванд, ки агар онҳо эквиваленти фарматсевтӣ ё алтернативаи фарматсевтӣ дошта бошанд ва дастрасии биологии онҳо (аз рӯи суръат ва дараҷаи ҷаббидашавӣ) баъд аз истифодабарӣ дар вояҳои якхелаи молярӣ ба ҳадди имконпазири қаблан муқарраршуда қарор дошта бошад. Ин ҳаддҳо барои таъминоти муқоисаи хосиятҳои биофарматсевтӣ in vivo (яъне муқоиса аз рӯи судбахшӣ ва бехатарӣ) муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 2. Мақсади Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ муайян намуда, муносибатҳоро дар самти коркард, тайёр намудан, озмоиши токлиникӣ ва клиникӣ, бақайдгирӣ ва азнавбақайдгирӣ, содирот ва воридот, назорати сифат, судбахшӣ, бехатарӣ ва савдои дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ, инчунин дигар масъалаҳое, ки дар ин соҳа ба миён меоянд, танзим менамояд.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Муқаррароти Қонуни мазкур ба фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, инчунин ғизои таъинотӣ машғуланд, татбиқ мегарданд.

2. Муқаррароти Қонуни мазкур ба доруҳо ва молҳои дар соҳаи байторӣ истифодашаванда, инчунин муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, ба истисноии маводи хусусияти табобатию пешгиридошта, татбиқ карда намешаванд.

**Моддаи 4. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи муомилоти дору ва молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи муомилоти дору ва молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон барои гирифтани доруи бехатар, судбахш ва босифат;

2) дастрас будани дору ва молҳои тиббӣ ва таъмини кафолати сифати онҳо;

3) таъмини кафолати сифати дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ;

4) истифодаи судбахшии дору ва молҳои тиббӣ;

5) дастгирии давлатӣ оид ба рушди истеҳсоли доруҳо ва молҳои тиббии ватанӣ.

**Моддаи 5. Дастрасии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

Давлат дастрасии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро бо роҳҳои зерин таъмин менамояд:

1) таъмини бозори фарматсевтии кишвар бо доруҳои босифат, бехатар ва судбахш, дар навбати аввал тибқи рӯйхати доруҳои асосӣ ва барномаҳои давлатии соҳаи тандурустӣ;

2) такмили низоми воридоту содирот ва фурӯши дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

3) мукаммалгардонии низоми имтиёзноки таъмини аҳолӣ бо дору ва молҳои тиббӣ.

### БОБИ 2.
### ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ МУОМИЛОТИ ДОРУ, МОЛҲОИ ТИББӢ, ВОСИТАҲОИ ПАРАФАРМАТСЕВТӢ, ФАЪОЛИЯТИ ФАРМАТСЕВТӢ ВА ҒИЗОИ ТАЪИНОТӢ

**Моддаи 6. Танзими давлатии муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, фаъолияти фарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ**

1. Танзими давлатӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, фаъолияти фарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ аз ҷониби инҳо амалӣ мегардад:

1) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ;

3) мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ;

4) мақомоти дигари иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

2. Танзими давлатии муносибатҳои дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ бамиёномада тариқи зерин амалӣ карда мешавад:

1) иҷозатномадиҳӣ ва додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои машғул шудан ба фаъолияти фарматсевтӣ;

2) назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ ва таъмини бехатарии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

3) муқаррар кардани квотаҳои давлатӣ;

4) бақайдгирии давлатӣ ва сертификатсияи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

5) муайян намудани тартиби фурӯш ва истифодаи дору, молҳои тиббӣ, инчунин воситаҳои парафарматсевтӣ;

6) танзими давлатии арзиши дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

7) назорати давлатии истеҳсол, тайёр кардан, сифат, судбахшӣ ва бехатарии дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ;

8) аттестатсия ва додани сертификат ба мутахассисони соҳаи фаъолияти фарматсевтӣ;

9) аккредитатсияи соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолияти фарматсевтӣ машғуланд;

10) аккредитатсияи истеҳсолкунандагони дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ.

**Моддаи 7. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ салоҳияти зеринро дорад:

1) сиёсати давлатиро дар соҳаи таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дору ва молҳои тиббӣ таъмин мекунад;

2) тартибу шартҳои амалисозии назорати давлатиро оид ба сифат ва бехатарии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ муайян менамояд;

3) барномаҳои заминавии таъмини кафолатноки аҳолиро бо дору ва молҳои тиббӣ дар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии тандурустӣ таҳия ва тасдиқ менамояд;

4) рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳоро тасдиқ менамояд;

5) рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнокро тасдиқ менамояд;

6) гурӯҳи шахсони ба таври имтиёзнок бо дору таъминшаванда ва инчунин шартҳову тартиби таъминоти онҳоро муқаррар менамояд;

7) тартиби сертификатсияи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро муайян менамояд;

8) низомномаҳо оид ба фаъолияти мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтиро тасдиқ менамояд;

9) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалиро анҷом дода, дар соҳаи фарматсевтӣ ва саноати он шартномаҳои байналмилалӣ ба имзо мерасонад;

10) салоҳияти дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

**Моддаи 8. Ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ доир ба муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ вобаста ба муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ ваколатҳои зеринро дорад:

1) татбиқи сиёсати давлатии дору ва молҳои тиббиро дар мамлакат амалӣ менамояд;

2) самтҳои бо дору ва молҳои тиббӣ таъмин намудани аҳолиро таҳия менамояд;

3) фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, инчунин низоми давлатӣ ва хусусии соҳаи фаъолияти фарматсевтиро ҳамоҳанг месозад;

4) талаботи аҳолиро ба дору ва молҳои тиббӣ муайян менамояд;

5) бо мақсади таъмини аҳолӣ бо доруҳои босифат, судбахш ва бехатар амалияҳои муносиби фарматсевтиро тасдиқ менамояд;

6) рӯйхати доруҳои асосиро таҳия ва тасдиқ мекунад;

7) тадқиқоти илмӣ ва ихтирои дору ва молҳои тиббии навро ташкил мекунад;

8) тартиби ҳамдигаривазнамоии доруро муайян менамояд;

9) тартиби гузаронидани санҷишҳои клиникӣ ва назорати фармакологии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро муайян менамояд;

10) тартиби амалисозии назорати давлатӣ ҷиҳати риояи меъёр ва қоидаҳои санитариро дар ташкилотҳои фарматсевтӣ муайян менамояд;

11) тартиби амалисозии назорати давлатӣ оид ба сифат, судбахшӣ ва бехатарии дору ва молҳои тиббие, ки дар ташкилотҳои фарматсевтӣ фурӯхта мешаванд, муайян менамояд;

12) тартиби гузаронидани озмоишҳои эквивалентии биологии доруҳоро таҳия ва тасдиқ менамояд;

13) тартиби бақайдгирии нархи ниҳоии фурӯши доруи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва хориҷиро, ки ба рӯйхати доруҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, таҳия ва тасдиқ менамояд;

14) тартиби пешбурди феҳристи давлатии нархи ниҳоии фурӯши доруи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва хориҷиро, ки ба рӯйхати доруҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, муайян менамояд;

15) номгӯи доруҳои бе дорухат фурӯхташавандаро тасдиқ мекунад;

16) тартиби аз муомилот гирифтан ва нобуд кардани доруҳои бесифат, қалбакӣ ва мӯҳлати истифодабариашон гузаштаро муайян менамояд;

17) дар сурати зарурат фармакопеяҳо ва стандартҳои сифати дору ва молҳои тиббии дигар давлатҳоро эътироф менамояд;

18) аттестатсия ва сертификатсияи мутахассисонеро, ки ба фаъолияти фарматсевтӣ машғуланд, амалӣ мекунад;

19) якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ, инчунин дорухонаҳои идоравию хусусӣ ва ташкилотҳои табобатию пешгириро оид ба таъмини аҳолӣ бо дору анҷом медиҳад;

20) таъину истифодаи оқилона ва судбахшии доруро тарғиб менамояд;

21) ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи таъминоти аҳолӣ бо дору ва молҳои тиббӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

22) ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ**

Мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, ғизои таъинотӣ ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд:

1) амалисозии иҷозатномадиҳӣ ва додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро барои фаъолияти фарматсевтӣ ва муомилоти дору, молҳои тиббӣ, муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, психотропӣ ва прекурсорҳои дар тиб истифодашаванда, воситаҳои парафарматсевтӣ, ғизои таъинотӣ ва дигар маводи хусусияти табобатию пешгиридошта бо тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад;

2) назорати давлатиро дар соҳаи фаъолияти фарматсевтӣ, муомилоти дору, молҳои тиббӣ, муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, психотропӣ ва прекурсорҳои дар тиб истифодашаванда, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ бо мақсади пешгирӣ намудан, ошкор сохтан ва бартараф кардани ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фарматсевтӣ амалӣ менамояд;

3) экспертизаи дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтиро бо тартиби муайянкардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад;

4) дар якҷоягӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зиддиинҳисорӣ арзиши хизматрасониро барои додани хулоса ва сертификати сифати дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ тасдиқ менамояд;

5) ҷиҳати пешгирӣ намудани муомилоти доруҳои қалбакӣ ва бесифат тадбирҳои зарурӣ меандешад;

6) бо мақсади истифодаи самараноки дору ва молҳои тиббӣ тадбирҳои дахлдор меандешад;

7) субъектҳои фаъолияти фарматсевтиро ҷиҳати мутобиқат ба талаботи амалияҳои муносиби фарматсевтӣ дар соҳаи муомилоти дору аз санҷиш мегузаронад;

8) бақайдгирӣ, азнавбақайдгирии дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотиро амалӣ менамояд;

9) назорати фармакологӣ ва фарматсевтиро дар ташкилотҳои тиббию фарматсевтӣ мегузаронад;

10) ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

**Моддаи 10. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, ғизои таъинотӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ ваколатҳояшонро мутобиқи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд.

**Моддаи 11. Ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии байниидоравӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии байниидоравӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ амалӣ карда мешавад.

2. Қоидаҳо ва стандартҳое, ки бо мақсади танзими муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ таҳия ва тасдиқ шудаанд, барои иҷрои ҳамаи вазоратҳо ва идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ, инчунин барои шахсони воқеӣ ҳатмӣ мебошанд.

### БОБИ 3.
### НИЗОМИ ДАВЛАТИИ НАЗОРАТИ СИФАТИ ДОРУ, МОЛҲОИ ТИББӢ, ВОСИТАҲОИ ПАРАФАРМАТСЕВТӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ФАРМАТСЕВТӢ

**Моддаи 12. Назорати давлатии сифати дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Назорати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти фарматсевтӣ, муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ тибқи муқаррароти Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ амалӣ карда мешавад.

2. Назорати давлатии сифати доруҳо, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ маҷмӯи тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо ба риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини сифати маводи номбаршуда равона карда шудаанд.

3. Сифати доруҳо, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ мутобиқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба сифат, фармакопеяи давлатӣ ва дигар фармакопеяҳои аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии истеҳсолкунанда ва мақоми дахлдори хориҷӣ муайян карда мешавад.

4. Назорати давлатии муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) санҷиши риояи қоидаҳои амалияҳои муносиби лабораторӣ ва клиникӣ ҳангоми озмоишҳои токлиникӣ ва клиникии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии дар соҳаи тандурустӣ истифодашаванда, қоидаҳои ташкили истеҳсол, санҷиши сифат, савдои чакана ва яклухт, тайёркунӣ ва додан, нигоҳ доштан ва нобуд кардани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

2) гузаронидани санҷишҳои риояи шарт ва талаботи иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ барои доруҳо, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

3) санҷиши сифати доруҳо, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

4) омӯзиш ва мониторинги судбахшӣ ва бехатарии доруҳо, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ;

5) гирифтани иттилоот аз мақомоти давлатӣ ва субъектҳои муомилоти доруҳо оид ба муқарраркунӣ, истифодаи нарх ва нархи иловагии доруҳо, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ.

**Моддаи 13. Баҳодиҳии мутобиқати сифати дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Баҳодиҳии мутобиқати сифати дору ва молҳои тиббӣ бо мақсади муқарраросозии ҷавобгӯ будани гурӯҳи (силсилаи) мушаххаси ба кишвар воридшавандаи дору ва молҳои тиббӣ ё дар кишвар истеҳсолшавандаи онҳо ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ аз рӯи сифат гузаронида мешавад. Аз рӯи натиҷаи баҳогузории гузаронидашуда ба шахсони дахлдор аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ ва зерсохторҳои он сертификати сифати дору дода мешавад. Тартиби гузаронидани баҳодиҳии мутобиқати сифати воситаҳои парафарматсевтиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ менамояд.

2. Тартиб ва ҳаҷми пардохти хизматрасониро вобаста ба баҳодиҳии мутобиқати сифати дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ якҷо бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зиддиинҳисорӣ таҳия ва тасдиқ менамояд.

3. Тартиби гузаронидани раванди баҳодиҳии силсилавии мутобиқатии сифати дору ва молҳои тиббиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд.

4. Доруҳо ва молҳои тиббии ба ҷумҳурӣ воридшаванда ва дар он истеҳсолшаванда, инчунин шахсони онҳоро истеҳсолкунанда ва воридкунанда, ки дорои сертификати ҷавобгӯ будани амалияи муносиби истеҳсолӣ мебошанд, аз раванди баҳодиҳии мутобиқати силсилавӣ озод карда мешаванд.

5. Таснифи бехатарӣ ва аз нав таснифгардонии бехатарии молҳои тиббӣ вобаста аз дараҷаи хавфи истифодабарии онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ муайян менамояд.

**Моддаи 14. Назорати давлатии сифати доруҳои тибби халқӣ**

Назорати давлатии сифати доруҳои тибби халқӣ мутобиқи муқаррароти Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 15. Талабот нисбат ба дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ бояд босифат, судбахшанда, бехатар бошанд ва ба талаботи дастури фармакопеӣ, фармакопеяи давлатӣ, ҳуҷҷати меъёрӣ доир ба назорати сифат, инчунин дигар стандартҳои истифодашавандаи мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ ҷавобгӯ бошанд.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтие, ки ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ нестанд, манъ мебошад.

**Моддаи 16. Стандартҳои сифати дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани сифати доруҳо, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ чунин ҳуҷҷатҳои меъёрии фармакопеяи давлатӣ ва дигар фармакопеяҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, дастури фармакопеявӣ, регламенти техникӣ, шартҳои техникӣ ва дигар санадҳое, ки истеҳсолкунанда ва ё мақоми дахлдори давлатӣ ба онҳо ишора кардааст, истифода мешаванд.

2. Фармакопеяи давлатӣ дастурҳои фармакопеяи умумӣ ва хусусиро дар бар мегирад.

3. Дастурҳои умумии фармакопеягӣ чунин талаботро муайян менамоянд:

1) сифати дору ва субстансияҳои фарматсевтӣ;

2) реагентҳо, намунаҳои стандартӣ, усулҳо ва тарзҳои санҷиши барои назорати сифати онҳо истифодашаванда;

3) маводи бастабандӣ ва дигар маводи дар истеҳсолот истифодашаванда.

4. Дастурҳои хусусии алоҳидаи фармакопеягӣ нисбат ба дору ва субстансияи фарматсевтӣ талаботи махсусро дар бар мегиранд.

5. Шахсоне, ки бо фаъолияти фарматсевтӣ, муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ машғуланд, талаботи фармакопеяи давлатӣ, дастурҳои фармакопеӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба сифатро бояд бо тартиби ҳатмӣ риоя намоянд.

6. Тартиби таҳия, бақайдгирӣ, мувофиқасозӣ, тасдиқ ва ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба фармакопеяи давлатӣ, дастурҳои фармакопеягӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ доир ба сифат бо пешниҳоди мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян карда мешавад.

7. Талабот нисбат ба сифати молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ доир ба сифат, шартҳои техникӣ ва дигар стандартҳое, ки тибқи онҳо маводи номбаршуда аз қайди давлатӣ мегузаранд, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 17. Бақайдгирӣ ва азнавбақайдгирии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

(Давомаш дар саҳ. 6-7)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ

(Идома аз саҳ. 5)

1. Истеҳсол, фурӯш ва истифодаи дору, молҳои тиббӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди бақайдгирии давлатии онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ сурат мегирад.

2. Барои бақайдгирии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ истеҳсолкунанда ва ё шахси ваколатдори он (дархостдиҳанда) ухдадор аст, ки номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурии муайяншударо ба мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ дар шакли электронӣ ё хаттӣ пешниҳод намояд.

3. Ба қайди давлатӣ бояд гирифта шаванд:

1) дору ва субстансияи фарматсевтӣ;

2) омехтаи (комбинатсияи) нави доруҳое, ки қаблан ба қайд гирифта шуда буданд;

3) доруҳое, ки қаблан ба қайд гирифта шудаанд, вале дар дигар шакли дору бо вояи нав ё таркиби дигари моддаҳои ёридиҳанда ва ё дар дигар шакли дору аз ҷониби дигар истеҳсолкунандагон истеҳсол мешаванд;

4) доруи генерикӣ;

5) воситаҳои парафарматсевтӣ.

4. Ба қайди давлатӣ гирифтани инҳо ҳатмӣ нест:

1) доруҳое, ки аз тарафи дорухонаҳо тибқи дархости ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ тайёр карда мешаванд;

2) субстансияи фарматсевтӣ, ки истеҳсоли онҳо тибқи талаботи амалияи муносиби Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ба роҳ монда шудааст;

3) дору ва субстансияи фарматсевтии танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содирот истеҳсолшаванда;

4) воситаҳои парафарматсевтӣ хусусияти табобатинадошта;

5) моддаҳои ёрирасон;

6) ашёи хоми доругии растанигии фармакопеявии истеҳсоли ватанӣ;

7) намунаҳои дору ва молҳои тиббие, ки барои гузаронидани намоишгоҳҳо бе ҳуқуқи савдои минбаъда пешбинӣ шудаанд;

8) молҳои тиббие, ки тибқи фармоиши фардии бемор танҳо барои истифодаи шахсӣ тайёр карда мешаванд;

9) намунаҳои дору ва молҳои тиббие, ки барои гузаронидани озмоишҳои токлиникӣ ва клиникӣ пешниҳод карда мешаванд.

5. Бақайдгирии давлатӣ манъ аст, агар:

1) ду ва зиёда дору ва васоити доруии таркибашон гуногун зери як номи тиҷоратии дору истеҳсол шуда бошад;

2) ҳамон як шакли доруе, ки аз тарафи ҳамон як истеҳсолкунанда зери номҳои гуногуни тиҷоратӣ барои як доранда ё соҳиби як шаҳодатномаи бақайдгирӣ истеҳсол ва барои ба қайди давлатӣ гирифтан чун ду ва зиёда дору пешниҳод шуда бошад.

6. Ба дору, субстансияи фарматсевтӣ, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии бақайдгирифташуда шаҳодатномаи бақайдгирӣ тибқи шакли муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба муҳлати панҷ сол дода мешавад. Соҳиби шаҳодатномаи бақайдгирӣ барои сифатнокӣ, судбахшӣ ва бехатарии маводи бақайдгирифташуда масъул мебошад.

7. Маълумот оид ба дору, субстансияи фарматсевтӣ, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ ба қайди давлатӣ гирифташуда бо талаби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ин маводро ба қайди давлатӣ мегиранд, дар ҳолатҳои зерин метавонад махфӣ нигоҳ дошта шавад, агар:

1) дору, субстансияи фарматсевтӣ, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ ё таркиби онҳо барои шахсоне, ки ба чунин фаъолият ҳаммонанд машғуланд, набояд маълум бошад ва барои истеҳсолкунандаи он махфӣ нигоҳ доштани он зарур бошад;

2) махфӣ нигоҳ доштани он аҳамияти тиҷоратӣ дошта бошад.

8. Номгӯи дору, субстансияи фарматсевтӣ, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии бақайдгирифташуда аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ ба Феҳристи давлатии доруҳо дохил карда мешавад.

9. Бақайдгирии давлатии содакардашудаи дору ва молҳои тиббӣ, ки барои истифода дар амалиёти ҳарбӣ, ҳолатҳои фавқулода, хуруҷи эпидемия, пешгирӣ ва табобати бемориҳои дар натиҷаи таъсири омилҳои номусоиди кимиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ гирифторшуда пешбинӣ гаштаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба мувофиқа бо мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ анҷом дода мешавад. Тартиби бақайдгирии давлатии содакардашудаи дору ва молҳои тиббӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ мегардад.

10. Тартиби азнавбақайдгирӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи дору аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

11. Доруҳои барои ташхис ва табобати бемориҳои нодир истифодашаванда, инчунин доруҳо ва молҳои тиббие, ки ҳамчун ёрии башардӯстона бо мақсади татбиқи барномаҳои миллии соҳаи тандурустӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, аз пардохти маблағи бақайдгирӣ озод мебошанд.

12. Тартиби бақайдгирӣ, азнавбақайдгирии давлатӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ менамояд.

**Моддаи 18. Экспертизаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Экспертизаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ тибқи талаботи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ дар асоси баҳодиҳии маҷмӯии бехатарӣ, сифат, судбахшӣ, таносуби фоида ва хавф аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда амалӣ карда мешавад.

2. Талабот нисбат ба гузаронидани экспертизаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 19. Экспертизаи этикӣ**

1. Экспертизаи этикӣ бо мақсади додани хулосаи асосноки гузаронидани озмоиши клиникии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ аз ҷониби Шӯрои экспертизаи этикӣ гузаронида мешавад.

2. Низомнома ва ҳайати Шӯрои экспертизаи этикӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

3. Ба ҳайати Шӯрои экспертизаи этикӣ намояндагони ташкилотҳои тиббӣ, таълимию илмӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохил буда метавонанд. Шахсоне, ки ба Шӯрои экспертизаи этикӣ шомиланд, набояд аз истеҳсолкунандагон, таҳиягарони дору ва дигар тарафҳои манфиатдор ягон вобастагӣ дошта бошанд.

**Моддаи 20. Назорати фаъолияти фармакологии дору ва молҳои тиббӣ**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ бо мақсади пешгирӣ ва ошкор намудани оқибатҳои номатлуби дору ва молҳои тиббии ба ҳаёт ва солимии инсон таҳдидкунанда, фаъолияти низоми назорати фармакологиро мутобиқи қоидаҳои амалияи муносиби назорати фармакологӣ таъмин менамояд.

2. Назорати фармакологӣ ва мониторинги бехатарӣ, сифат ва судбахшии дору ва молҳои тиббӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти тиббию фарматсевтӣ ва соҳибони шаҳодатномаи бақайдгирӣ гузаронида мешавад.

3. Истеҳсолкунандагон, соҳибони шаҳодатномаи бақайдгирии дору ва молҳои тиббӣ, мутахассисони тиббию фарматсевтӣ ухдадоранд, ки дар бораи таъсири номатлуби ошкоршудаи дору ва молҳои тиббӣ ба мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ хабар диҳанд.

4. Барои пинҳон доштан, ба таври пурра пешниҳод накардани маълумот дар бораи таъсири номатлуби дору ва молҳои тиббӣ, инчунин наандешидани тадбирҳои зарурӣ субъектҳои фаъолияти тиббию фарматсевтӣ ва соҳибони шаҳодатномаи бақайдгирии дору ва молҳои тиббӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

5. Мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ маълумоти дар дохил ва хориҷи кишвар аз рӯи натиҷаи назорати фаъолияти фармакологӣ, мониторинги бехатарӣ, сифат ва судбахшии дору ва молҳои тиббӣ гирифташударо ҳангоми қабули қарор дар бораи бақайдгирӣ ва ё азнавбақайдгирӣ, боздошт ва манъи истифодаи онҳо ба инобат мегирад.

**Моддаи 21. Нишондод барои аз муомилот гирифтани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ дар ҳолатҳои зерин дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро аз муомилот мегирад:

1) агар дору ва воситаҳои парафарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашуда бошанд;

2) ҷавобгӯ набудани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) агар муҳлати бақайдгирӣ ва азнавбақайдгирии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ пеш аз муҳлати воридоти онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тамом шуда бошад;

4) дорандаи шаҳодатномаи бақайдгирӣ дар бораи манъкунӣ, бозхонди шаҳодатномаи бақайдгирӣ ё ин ки барои муомилот ва истифода маҳдуд намудани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ муроҷиат кунад;

5) аз ҷониби дорандаи шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва истеҳсолкунандагони дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ иҷро накардани ухдадориҳо оид ба назорати таъсири номатлуби дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, инчунин назорати бехатарӣ, сифатнокӣ ва судбахшии онҳо;

6) ошкор намудани таъсирҳои номатлуби дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии барои инсон хатарнок, ки дар дастурамал оид ба истифодаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ нишон дода нашудааст;

7) зиёд шудани ҳолатҳои ҷиддии таъсири номатлуби дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, ки дар дастурамал оид ба истифодаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ нишон дода шудаанд;

8) мавҷуд набудани таъсири табобатӣ ва ё пайдо шудани маълумот дар бораи манъ ё бозхонди дору ва молҳои тиббӣ дар дигар кишварҳо вобаста ба ошкор шудани таъсири номатлуби ҷиддии дору ва молҳои тиббӣ;

9) агар ин барои пешгирии зарарrасонӣ ба саломатии аҳолӣ зарур бошад;

10) агар дору тибқи нишондод судбахш ва ба талаботи стандартҳои амалкунанда ҷавобгӯ набошад;

11) агар муҳлати истифодабарии нишондодашудаи дору ба охир расида бошад;

12) ҳангоми дар раванди истифодаи молҳои тиббӣ ошкор шудани нуқсонҳои таркибот, принсипҳои амал, иҷрои истеҳсолӣ, ки ба бехатарии истифодаи онҳо таъсир мерасонанд.

2. Тартиби манъи истифода ва аз муомилот гирифтани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ менамояд.

### БОБИ 4.
### ТАЪМИНОТ БО ДОРУ, МОЛҲОИ ТИББӢ ВА ВОСИТАҲОИ ПАРАФАРМАТСЕВТӢ

**Моддаи 22. Таъминот бо дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Давлат таъмини аҳолӣ бо дору ва молҳои тиббиро, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ барои истифода дар фаъолияти тиббӣ иҷозат додааст, инчунин ҳимоя дар ҳолатҳои ба саломатӣ расидани зиён аз истифодаи онҳоро тибқи нишондоди тиббӣ кафолат медиҳад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муқаррар намудан ва риояи низоми таъмини сифат, судбахшӣ ва бехатарии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ масъул аст. Бо дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ таъмин намудани аҳолиро шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки барои фаъолияти фарматсевтӣ иҷозатнома доранд, инчунин ташкилотҳои табобатию пешгирӣ (ба истиснои савдо) анҷом медиҳанд.

3. Дар маҳалҳои аз маркази шаҳру ноҳияҳо дур, ки дар он ҷойҳо дорухонаҳо мавҷуд нестанд, таъминоти дору ва молҳои тиббӣ тавассути ташкилотҳои тиббӣ амалӣ карда мешавад. Дар мавриди набудани шахсони дорои таҳсилоти фарматсевтӣ фурӯши дору ва молҳои тиббӣ муваққатан ба шахсоне, ки таҳсилоти тиббӣ доранд ва курсҳои махсуси баъдидипломиро оид ба маълумоти фарматсевтӣ тибқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ гузаштаанд, иҷозат дода мешавад.

4. Гурӯҳи шахсони ба таври имтиёзнок бо дору ва молҳои тиббӣ таъминшаванда, инчунин шартҳову тартиби таъмини онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 23. Фурӯши дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ**

1. Фурӯши дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Фурӯши дору ва молҳои тиббӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатномаи дахлдор аз ҷониби субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ сурат мегирад.

3. Ба аҳолӣ фурӯхтани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагон ва таҳвилгарони фурӯши яклухт танҳо тавассути дорухонаҳо, ки ба талаботи муқарраркардаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ карда мешавад. Навъи дорухонаҳо ва талаботро нисбат ба онҳо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд.

4. Фурӯши дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтие, ки пеш аз гузаштани муҳлати шаҳодатномаи бақайдгирии онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, то тамомшавии муҳлати истифодабарии онҳо мумкин аст.

5. Фурӯши дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии корношоям, бесифат, қалбакӣ, аз қайди давлатӣ нагузашта, муҳлати истифодаашон гузашта ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгунабуда манъ аст.

6. Фурӯши воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ бо тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

7. Таҳвилгарони фурӯши яклухт ухдадоранд, ки дору ва молҳои тиббиро аз истеҳсолкунандагони дорои иҷозатномаи дахлдор харидорӣ намуда, онҳоро ба дорухонаҳои иҷозатномадошта, инчунин ташкилотҳои табобатию пешгирӣ, мақомоти давлатии тандурустӣ ва озмоишгоҳҳои тадқиқотӣ, ки таҳқиқи доруро анҷом медиҳанд, фурӯшанд.

8. Талабот нисбат ба шахсони бо фурӯши яклухту чаканаи дору ва молҳои тиббӣ машғулбударо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд. Шахсони ба фурӯши чаканаву яклухти дору ва молҳои тиббӣ машғулбуда бояд ҳатман амалияи муносиби дорухонагӣ ва амалияи муносиби дорурасониро риоя намоянд. Фурӯши чаканаи дору бе дорухат ва тибқи дорухат амалӣ карда мешавад.

9. Рӯйхати доруҳое, ки фурӯши онҳо бе додани дорухат мумкин аст, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 24. Кумаки башардӯстона бо расонидани дору ва молҳои тиббӣ**

1. Дору ва молҳои тиббӣ ҳамчун кумаки башардӯстона тибқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарти ҷавобгӯ будани онҳо ба талаботи стандартҳои сифати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ворид карда мешаванд.

2. Муҳлати истифодабарии доруҳои дар асоси кумаки башардӯстона ба ҷумҳурӣ воридшуда барои он доруҳое, ки муҳлаташон аз як сол кам аст, бояд на кам аз 50 фоизи муҳлати истифодаи онҳо ва барои доруҳое, ки муҳлати истифодаи онҳо аз як сол зиёд аст, бояд на кам аз 10 моҳро ташкил диҳанд.

3. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои истифодаи ғайримақсаднок ва фурӯхтани дору ва молҳои тиббии бо мақсадҳои кумаки башардӯстона пешбинигардида мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 25. Дорухат**

1. Шакли дорухат барои гирифтани дору, қоидаҳои ба расмият даровардан ва талабот нисбат ба мазмуни онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ менамояд.

2. Дар дорухат номи дору тибқи номҳои байналмилалии патентнашудаи дору, ба истиснои ҳолатҳои алоҳидаи бардошт накардани бемор, навишта мешавад.

**Моддаи 26. Воридот ва содироти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Воридоти дору ва молҳои тиббӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин содироти онҳо аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ё шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо гирифтани иҷозатнома оид ба фаъолияти тиҷорати хориҷӣ анҷом дода мешаванд.

2. Воридот ва содироти дору ва молҳои тиббӣ ба/аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бе бақайдгирии давлатӣ, ба истиснои ҳолатҳои дар қисмҳои 7 ва 8 ҳамин модда пешбинишуда, манъ аст.

3. Воридоту содироти дору ва молҳои тиббӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ ба шахсони зерин иҷозат дода мешавад:

1) шахсоне, ки ба истеҳсол ва фурӯши яклухти дору ва молҳои тиббӣ мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул мебошанд;

2) муассисаҳои илмию таълимие, ки бо мақсади гузаронидани тадқиқот ба коркард ва бақайдгирии дору ва молҳои тиббӣ машғуланд;

3) истеҳсолкунандагони хориҷии дору ва молҳои тиббӣ, шахсони ваколатдори онҳо барои гузаронидани экспертиза, бақайдгирии давлатӣ, озмоиши клиникӣ ва иштирок дар чорабиниҳои илмию сиёсӣ.

4. Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудани дору ва молҳои тиббӣ ба мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ хабар медиҳанд.

5. Тартиби воридоту содироти дору ва молҳои тиббиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

6. Воридоти доруи қалбакӣ ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯнабуда, инчунин муҳлати истифодаашон гузашта ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст.

7. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ҳуқуқ дорад, ки воридоти якдафъаинаи дору ва молҳои тиббии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифтанашударо ҳангоми офатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулода ва эпидемияи бемориҳои сирояткунанда бо таъмини назорати қатъии он иҷозат диҳад.

8. Ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани теъдоди маҳдуди дору ва молҳои тиббӣ, новобаста аз бақайдгирии давлатии онҳо, дар ҳолатҳои зерин иҷозат дода мешавад:

1) барои истифодаи шахсии шахсони воқеие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд;

2) ба кормандони ҳайатҳои дипломатӣ ё намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шудаанд;

3) барои муолиҷаи мусофирони воситаҳои нақлиёте, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд;

4) барои гузаронидани озмоишҳои токлиникӣ ва клиникӣ;

5) барои гузаронидани экспертиза, ба қайд гирифтан, азнавбақайдгирӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои дахлдори дору ва молҳои тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) барои нишон додан дар намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо ва конференсияҳо бе ҳуқуқи фурӯш;

7) барои табобати иштирокчиёни чорабиниҳои байналмилалии сиёсӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва экспедитсияҳои байналмилалӣ;

8) истифодаи намунаҳои стандартии дору ва молҳои тиббӣ барои тадқиқоти токлиникӣ ва клиникӣ;

9) пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои садамавӣ;

10) барои истифода ҳамчун ҷузъи таркибии таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ, ба шарте ки онҳо бевосита ё мустақилона ба мақсадҳои тиббию фарматсевтӣ истифода нашаванд;

11) барои истифода дар корҳои тадқиқотию илмӣ;

12) барои татбиқи технологияҳои инноватсионии тиббию фарматсевтӣ;

13) содироти миқдори зарурии дору ва молҳои тиббӣ аз тарафи шахсони воқеӣ барои истифодаи шахсӣ.

9. Воридоти воситаҳои парафарматсевтӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти онҳо аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

10. Дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда, ки ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгӯ намебошанд, тибқи тартиби муқарраршуда мусодира ва нобуд карда мешаванд.

**Моддаи 27. Ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нобуд кардани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Талабот ва қоидаҳоро, ки нигоҳдории сифат ва бехатарии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро ҳангоми ҳамлу нақл ва нигоҳдорӣ таъмин менамоянд, стандартҳои давлатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд.

2. Тамдиди муҳлати истифодабарии дору манъ аст. Муҳлати истифодабарии субстансияи фарматсевтиро мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ баъди гузаронидани ташхиси пурра метавонад тамдид намояд.

3. Доруҳо ва молҳои тиббие, ки муҳлати истифодаи онҳо гузаштааст, бояд нобуд карда шаванд. Тартиби нобуд кардани доруҳо ва молҳои тиббие, ки корношоям шудаанд ва муҳлати истифодаашон гузаштаанд, сифаташон ба стандартҳои амалкунанда мутобиқат намекунад, аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян карда мешавад.

4. Тартиб ва шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нобуд кардани воситаҳои парафарматсевтӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 28. Назорати нарх**

Назорати давлатӣ ҷиҳати танзими нархгузорӣ ва ҷуброни хароҷот барои дору ва молҳои тиббӣ тибқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

### БОБИ 5.
### ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШАҲРВАНДОН ВА СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ФАРМАТСЕВТӢ ДАР СОҲАИ МУОМИЛОТИ ДОРУ, МОЛҲОИ ТИББӢ ВА ВОСИТАҲОИ ПАРАФАРМАТСЕВТӢ

**Моддаи 29. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон дар соҳаи таъмини дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва муомилоти онҳо**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ чунин ҳуқуқҳоро доранд:

1) гирифтани кумаки доругии судбахш, бехатар ва босифат;

2) таъминот бо дору ва молҳои тиббӣ тибқи барномаҳои давлатӣ дар доираи маблағҳои буҷетии пешбинишуда;

3) таъмини имтиёзноки дору ва молҳои тиббӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) гирифтани иттилооти пурра аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии бо муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ машғулбуда;

5) муроҷиат намудан ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ ва дигар ташкилотҳо барои гирифтани иттилоот дар бораи бехатарӣ, судбахшӣ ва сифати дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

6) рад кардани истифодаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ дар мавриди пайдо шудани шубҳа оид ба бехатарӣ, судбахшӣ ва бесифатии онҳо;

7) барқарор намудани зарари ба саломатии онҳо расонидашуда дар сурати нодуруст таъин намудани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ аз ҷониби мутахассисони тиббию фарматсевтӣ ва дигарон;

8) дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

2. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ уҳдадоранд:

1) талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ риоя намоянд;

2) доруҳои ба онҳо таъиннамудаи табибро сари вақт ва тибқи қоидаҳои муқарраргардида мувофиқи таъиноти табиб истеъмол намоянд;

3) талабот оид ба ҷуброни зарари ба ҳаёт ва солимии бемор ҳангоми истифодаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ расонидашударо тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ риоя намоянд;

4) тартиби нигоҳдорӣ ва реҷаи истифодаи дору ва молҳои тиббиро риоя намоянд;

5) ба раванди таъиноти доруҳо аз ҷониби табиб дахолат накунанд;

6) доруҳо барои бемориҳои хавфнокро, ки номгӯи онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян намудааст, сари вақт ва тибқи қоидаҳои муқарраргардида истеъмол намоянд.

**Моддаи 30. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ**

1. Субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ шахсоне мебошанд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ба фаъолияти фарматсевтӣ машғул шуданро доранд.

2. Субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ чунин ҳуқуқҳоро доранд:

1) дар таҳия ва баррасии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳо дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ иштирок намоянд;

2) ба мақомоти дахлдор барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ пешниҳод манзур намоянд;

3) аз мақомоти дахлдор маълумоти заруриро оид ба расмиёти гирифтани иҷозатномадиҳӣ, бақайдгирӣ ва назорати гумрукӣ ва андозбандии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ талаб намоянд;

4) дар сурати аз ҷониби мақомоти дахлдор иҷро накардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти номуносиби онҳо арзу шикоят намоянд;

5) дар чорабиниҳои илмию таълимии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо тартиби муқарраргардида иштирок намоянд;

6) бо тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таҳсилоти баъдидипломии фарматсевтӣ машғул шаванд;

7) бо тартиби муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аттестатсия ва аккредитатсия гузаранд;

8) воридшавии шахсонеро, ки талаботи санитарию гигиениро риоя намекунанд ва дар ин ташкилот кор намекунанд, ба биноҳои истеҳсолӣ ва нигоҳдории дору ва молҳои тиббӣ манъ намоянд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

3. Субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ уҳдадоранд:

1) талабот ва шартҳои муайяншудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ риоя намоянд;

2) дар фаъолияти худ дастовардҳои муосири илмӣ ва тиббию фарматсевтиро истифода намоянд;

3) барои баланд бардоштани сатҳи дониш, малакаҳои касбӣ ва такмили ихтисос вобаста ба фаъолияти фарматсевтӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

4) ба фурӯши доруҳо, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтии бесифат, қалбакӣ, шубҳанок ва муҳлати истифодабариашон гузашта машғул нашаванд ва дар ҳолатҳои доштани чунин маълумот ба мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ хабар диҳанд;

5) дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии муҳлати истифодаашон гузашта, инчунин қалбакиро тибқи тартиби муайяннамуда ба мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ супоранд;

6) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амале, ки ба саломатии шаҳрвандон дар натиҷаи истифодаи нодурусти дору ва молҳои тиббӣ расонида мешаванд, роҳ надиҳанд.

### БОБИ 6.
### КОРКАРД, ОЗМОИШИ ТОКЛИНИКӢ ВА КЛИНИКИИ ДОРУ, МОЛҲОИ ТИББӢ ВА ВОСИТАҲОИ ПАРАФАРМАТСЕВТӢ

**Моддаи 31. Коркарди дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Коркарди дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтии навро муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, истеҳсолӣ, таълимӣ ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд.

2. Коркарди дору ҷустуҷӯи моводи нави фармакологӣ ва омӯзиши минбаъдаи хосиятҳои табобатии онҳо, озмоиши токлиникӣ ва клиникӣ, коркарди технологияи истеҳсоли субстансияи фарматсевтӣ, коркарди таркиб ва технологияи тавлиди воситаи доруиро дар бар мегирад.

3. Коркарди молҳои тиббӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) ҷустуҷӯ ва коркарди қарори техникӣ;

2) ихтироъ ва лоиҳакашии онҳо;

3) мушаххаснамоӣ ва озмоиши намунаҳои таҷрибавӣ;

4) коркарди технологияи истеҳсоли саноатӣ.

4. Коркарди дору ва молҳои нави тиббӣ бо риояи талаботи амалияҳои муносиби фарматсевтӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, ки бехатарӣ ва судбахшии онҳоро таъмин менамояд, ба роҳ монда мешавад.

5. Коркарди воситаҳои парафарматсевтӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ амалӣ карда мешавад.

6. Маблағгузории коркарди дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ аз манбаъҳои зерин амалӣ мешавад:

1) аз маблағҳои буҷети давлатӣ;

2) аз маблағҳои корхонаи истеҳсолкунандаи дору ва молҳои тиббӣ;

3) манбаъҳои дигари молиявӣ, аз ҷумла маблағҳои фондҳои хайриявӣ ва саҳмҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

7. Ҳуқуқи шахсони ба коркарди дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ машғулбуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад.

**Моддаи 32. Озмоиши токлиникии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Мақсади гузаронидани озмоиши токлиникии дору ва субстансияҳои фарматсевтӣ ин тавассути усулҳои илмӣ исбот намудани таъсири фармакологӣ ва бехатарии онҳо мебошад.

2. Озмоиши токлиникиро ташкилоти коркарди дору бо риояи қоидаҳои амалияи муносиби лабораторӣ, ки онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ мекунад, анҷом медиҳад.

3. Назорати риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии истифодаи ҳайвонот зимни гузаронидани озмоиши токлиникии дору ва воситаҳои парафарматсевтӣ аз тарафи мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ амалӣ карда мешавад.

4. Тартиб ва талабот нисбат ба гузаронидани озмоишҳои токлиникии дору ва воситаҳои парафарматсевтиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд.

**Моддаи 33. Озмоиши таъсири биологӣ ва озмоиши техникии молҳои тиббӣ**

1. Озмоиши баҳодиҳии таъсири биологии молҳои тиббӣ барои муайян намудани қобили қабул будани ҳар як таъсироти номатлуби биологӣ, ки дар натиҷаи алоқаи тарафайни молҳои тиббӣ бо организми одам ба вуҷуд меояд, гузаронида мешавад.

2. Озмоиши техникии молҳои тиббӣ дар шакли озмоиш ва баҳодиҳии санҷиши назорати сифат ва бехатарии онҳо ҳангоми истифодаи онҳо тибқи таъиноти пешбинишудаи ҳуҷҷатгузории истеҳсолкунандаи молҳои тиббӣ гузаронида мешавад.

3. Озмоиши техникии молҳои тиббӣ дар ташкилотҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва дигар мақомоти дахлдор гузаронида мешавад.

**Моддаи 34. Гузаронидани озмоиши клиникии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Мақсади озмоиши клиникии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ тавассути усулҳои илмӣ гирифтани натиҷаи баҳодиҳию далелҳои судбахшӣ ва бехатарии доруҳо, маълумотгирӣ оид ба таъсири номатлуби эҳтимолӣ аз истифодаи дору, таъсири мутақобилаи онҳо бо дигар доруҳо мебошад.

2. Қарор оид ба гузаронидани озмоиши клиникӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ дар асоси розигии хаттии шаҳрванд, бо дар назар доштани хулоса ва пешниҳоди мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ, қабул карда мешавад.

3. Барои гирифтани иҷозат ҷиҳати гузаронидани озмоиши клиникии моводи фармакологӣ, дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ таҳиягарон бояд номгӯи ҳуҷҷатҳои заруриро, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян намудааст, ба мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ пешниҳод намоянд.

4. Озмоиши клиникӣ дар ташкилотҳои тиббие, ки номгӯи онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян намудааст, гузаронида мешавад.

5. Озмоиши дору дар инсон таҳти роҳбарии табибони ваколатдор сурат мегирад. Табибе, ки озмоиш мегузаронад, бояд дорои салоҳияти зарурӣ дар соҳаи озмоиш бошад.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ

6. Озмоишгар дар ҳолатҳои ошкор гардидани таъсироти номатлуб бояд мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустиро фавран огоҳ намояд.

7. Натиҷаи озмоиши клиникиро озмоишгар ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ пешниҳод менамояд.

8. Тартиби гузаронидан ва қатъ намудани озмоиши клиникии дору ва воситаҳои парафарматсевтиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд.

9. Маблағгузории озмоишҳои клиникӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, шахсони манфиатдори воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё маблағҳои дигаре, ки қонунгузорӣ иҷозат додааст, амалӣ карда мешавад.

10. Тартиби гузаронидани озмоишҳои клиникӣ, санҷиши клиникию озмоишгоҳии молҳои тиббиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд.

**Моддаи 35. Ҳуқуқи беморони дар озмоиши клиникии дору ширкаткунанда**

1. Иштироки беморон дар озмоиши клиникии дору ихтиёрӣ мебошад.

2. Бемор барои иштирок дар озмоиши клиникии дору ризоияти хаттии худро медиҳад.

3. Бемороне, ки мехоҳанд дар озмоиши клиникии дору иштирок намоянд, бояд дар бораи дору ва моҳияти озмоиши клиникӣ, таъсироти номатлуби он, судбахшии чашмдошт ва бехатарии дору, дараҷаи хавфи он барои бемор, рафтори бемор дар ҳолатҳои таъсири ғайричашмдошту ногаҳонии дору ба вазъи саломатии ӯ ва шартҳои суғуртаи саломатии бемор маълумоти пурра дошта бошанд.

4. Бемор ҳуқуқ дорад, ки аз иштирок дар озмоиши клиникии дору дар ҳар кадом марҳилаи озмоиш даст кашад.

5. Ҳангоми гузарондани озмоиши клиникии дору бо иштироки ноболиғон ризоияти хаттии падару модари онҳо зарур аст.

6. Гузарондани озмоиши клиникии дору бо иштироки шахсони зерин манъ аст:

1) ноболиғоне, ки падару модар надоранд;

2) занҳои ҳомила, ба истиснои ҳолатҳое, ки озмоиши клиникии доруе, ки барои занони ҳомила тавсия шудаанд ва хатари расонидани зарар ба зани ҳомила ва ҷанини ӯ комилан вуҷуд надорад;

3) хизматчиёни ҳарбӣ;

4) шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ адои ҷазо мекунанд;

5) шахсони барои ташхиси тиббӣ ношоям эътирофшуда;

6) шахсоне, ки ба касалии рӯҳӣ гирифтор буда, дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ зери табобати маҷбурӣ қарор доранд.

**Моддаи 36. Назорати гузаронидани озмоишҳои клиникии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

Раванди гузаронидани озмоишҳои клиникии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтиро мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ назорат мекунад ва ҳуқуқ дорад дар сурати зарурат макони гузаронидани озмоиш ва ҳуҷҷатҳои озмоишро зери санҷиш қарор диҳад.

**Моддаи 37. Васл, таъмир, хизматрасониҳои техникӣ ва метрологии молҳои тиббӣ**

1. Васл, таъмир, хизматрасонии техникӣ ва метрологии молҳои тиббӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои онҳо ҳуқуқ доранд, амалӣ карда мешаванд.

2. Дараҷаи бехатарии таҷҳизоти тиббӣ баъди таъмир бояд аз дараҷаи бехатарии дар шиносномаи техникӣ нишондодашудаи онҳо паст набошад.

3. Ташкили таъмини хизматрасониҳои техникӣ ва метрологии таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

4. Номгӯи таҷҳизот ва асбобҳои тиббие, ки воситаи ченкунӣ ба ҳисоб мераванд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими техникӣ ва метрологӣ тасдиқ карда мешавад.

### БОБИ 7. ФАЪОЛИЯТИ ФАРМАТСЕВТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 38. Иҷозатномадиҳӣ, додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, аккредитатсия ва аттестатсияи шахсони ба фаъолияти фарматсевтӣ машғулбуда**

1. Додани иҷозатнома барои машғул шудан ба фаъолияти фарматсевтӣ ва номгӯи фаъолияти фарматсевтие, ки барои пешбурди он иҷозатнома зарур мебошад, мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» амалӣ карда мешавад.

2. Додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти фарматсевтӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба танзим дароварда мешавад.

3. Аккредитатсия ва аттестатсияи субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

**Моддаи 39. Ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти фарматсевтӣ**

1. Ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро шахсоне доранд, ки дорои таҳсилоти миёна ё олии касбии фарматсевтӣ, инчунин сертификати мутахассис ва дорои иҷозатнома бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

2. Шахсони воқеии дорои таҳсилоти миёна ё олии фарматсевтӣ ва сертификати мутахассис дошта метавонанд дар ташкилотҳои фарматсевтӣ тибқи тартиби муайянкардаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ бо намудҳои муайяни фаъолияти фарматсевтӣ машғул шаванд.

3. Шахсони воқеии дорои таҳсилоти миёна ё олии касбии фарматсевтӣ ва сертификати мутахассис дошта оид ба фаъолияти фарматсевтӣ баъд аз гирифтани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба фаъолияти фарматсевтӣ (қабул, нигоҳдорӣ, савдои чаканаи дору ва молҳои тиббӣ) машғул шуда метавонанд.

4. Шахсоне, ки дар муассисаҳои таълимии дахлдори кишварҳои хориҷӣ таҳсилоти фарматсевтӣ ва диплом гирифтаанд, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, агар дар созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, барои фаъолияти фарматсевтӣ дар системаи фарматсевтии давлатӣ ё хусусӣ роҳ дода мешаванд.

5. Ба кормандони соҳаи фарматсевтӣ, ки доир ба ихтисоси худ беш аз 3 сол кор накардаанд, танҳо баъди таҷрибаомӯзӣ ва тасдиқ шудани тахассус тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ барои машғул шудан бо чунин фаъолият метавонад иҷозат дода шавад.

6. Танзими бархӯрди манфиатҳо ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти фарматсевтӣ тибқи талаботи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

7. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти фарматсевтӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

8. Маҳрум сохтан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти фарматсевтӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 40. Соҳибият ва роҳбарӣ ба ташкилотҳои фарматсевтӣ**

1. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонад муассиси ташкилотҳои фарматсевтӣ бошад.

2. Роҳбарӣ ба ташкилотҳои фарматсевтӣ аз ҷониби шахсони дорои таҳсилоти фарматсевтӣ ва сертификати мутахассис анҷом дода мешавад.

3. Роҳбарӣ ба ташкилотҳое, ки ба истеҳсол, фурӯши яклухт, содироту воридоти дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ машғул мебошанд, аз ҷониби шахсони дорои таҳсилоти олии касбии фарматсевтӣ амалӣ карда мешавад.

4. Номгӯи ташкилотҳои фарматсевтие, ки онҳоро шахсони дорои таҳсилоти миёнаи касбии фарматсевтӣ роҳбарӣ карда метавонанд, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд.

5. Қоидаҳои идоракунӣ, вазифаҳо ва талабот нисбат ба ташкилотҳои фарматсевтӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян мегарданд.

**Моддаи 41. Роҳбарии дорухонаҳои ташкилотҳои табобатию пешгирӣ**

Роҳбари дорухонаи ташкилотҳои табобатию пешгирӣ бояд шахси дорои таҳсилоти олии фарматсевтӣ ва сертификати мутахассис бошад.

**Моддаи 42. Истеҳсол ва тайёр намудани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Барои истеҳсол ва тайёр намудан дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтие роҳ дода мешавад, ки истифодаи онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тибқи тартиби муқарраршуда иҷозат додааст.

2. Истеҳсол ва тайёр намудани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ аз тарафи ташкилотҳои фарматсевтие, ки барои фаъолияти фарматсевтӣ иҷозатнома доранд, амалӣ карда мешавад.

3. Истеҳсоли дору ва молҳои тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мутобиқи талаботи амалияи муносиби истеҳсолӣ, ки бо пешниҳоди мақоми ваклатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ шудааст, ба роҳ монда шавад.

4. Тадқиқоти устуворӣ ва муайян намудани муҳлати истифодабарии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагони онҳо тибқи қоидаҳои муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ гузаронида мешаванд.

5. Тадқиқоти устуворӣ ва муайян намудани муҳлати нигоҳдории молҳои тиббӣ тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва давлатӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагони онҳо гузаронида мешаванд.

6. Тайёр кардани дору аз ҷониби дорухонаҳои иҷозатномадошта, бо дар назар доштани дархости ташкилоти тиббӣ ва дорухати табиб, мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба роҳ монда мешавад. Сифати чунин доруҳо ва муҳлати истифодабарии онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян карда мешаванд.

7. Истеҳсоли дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ дар ҳолатҳои зерин манъ аст, агар:

1) аз қайди давлатӣ нагузашта бошанд;

2) қалбакӣ бошанд;

3) ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ набошанд;

4) истеҳсолкунандагони онҳо иҷозатнома надошта бошанд;

5) бо вайрон намудани талаботи амалияи муносиби истеҳсолӣ тайёр шуда бошанд.

8. Бақайдгирии давлатии доруҳо, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтие, ки танҳо барои содирот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол карда мешаванд, ҳатмӣ намебошад.

9. Шарт ва дастурамал оид ба истеҳсоли ашёи хоми доруӣ, дору ва молҳои тиббӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муқаррар карда мешаванд.

10. Номгӯи дору ва молҳои истеҳсолшавандаи тиббиро худи корхонаҳои истеҳсолкунанда муайян менамоянд.

11. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли шартномавии дору ва молҳои тиббӣ иҷозат дода мешавад. Тартиб ва талабот ба истеҳсоли шартномавии дору ва молҳои тиббӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян карда мешавад.

12. Истеҳсоли воситаҳои парафарматсевтӣ бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 43. Тамғагузорӣ ва бастабандии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба тамғагузорӣ ва бастабандии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ талаботи ягона муқаррар карда мешавад.

2. Талабот нисбат ба тамғагузорӣ ва бастабандии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

### БОБИ 8. ИТТИЛООТ ВА РЕКЛАМА

**Моддаи 44. Иттилоот дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Ҳар як бемор ҳуқуқ дорад иттилоъ дар бораи судбахшии дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии ба ӯ таъиншуда, таъсири номатлуби эҳтимолӣ ва асари байниҳамдигарии доруҳои гуногун ҳангоми истифодабарии якҷояи онҳоро дошта бошад ва гирад.

2. Иттилоъ дар бораи доруе, ки бе дорухат дода мешавад, инчунин оид ба воситаҳои парафарматсевтӣ метавонад дар нашрияҳо ва эълонҳои воситаҳои ахбори омма, нашрияҳои махсусгардонидашуда ва умум зикр гардад.

3. Иттилоъ дар бораи доруе, ки тибқи дорухат дода мешавад, метавонад танҳо дар нашрияҳои чопии махсусгардонидашуда, ки барои кормандони тиб ва соҳаи фарматсевтӣ таъин гардидаанд, инъикос шавад.

4. Иттилоъ дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ барои мутахассисони тиббию фарматсевтӣ дар китобҳои илмию таълимӣ, мақолаҳои илмӣ ва инчунин дар чорабиниҳои илмию маърифатӣ пешниҳод мешавад.

5. Иттилоъ дар бораи бақайдгирии давлатӣ, бекор кардани қарор дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва ба талаботи стандартҳои сифат ҷавобгӯ набудани доруҳо, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ дар нашрияҳои дахлдор аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ ба табъ расонида мешавад.

**Моддаи 45. Рекламаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ**

1. Реклама бояд ба таъмини бозори фарматсевтӣ бо дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии хушсифат, судбахшанда ва бехатар мусоидат намояд. Рекламаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудаанд, манъ мебошад.

2. Барои рекламаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ доштани иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ҳатмӣ мебошад.

3. Дар воситаҳои ахбори омма он доруеро реклама кардан мумкин аст, ки бе дорухат дода мешавад.

4. Иттилоот оид ба доруҳои тибқи дорухат додашавандаро танҳо дар нашрияҳои махсусгардонидашудаи чопӣ, ки барои мутахассисон нашр мешаванд, пешниҳод кардан мумкин аст. Номгӯи чунин нашрияҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд.

5. Ҳангоми рекламаи дору бо мақсади тақвияти самаранокии реклама муқоисаи он бо дигар дору иҷозат дода намешавад.

6. Матни рекламаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ бояд бо мақоми ваколатдори назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ мувофиқа карда шавад. Матни рекламаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ бояд ба дастурамал доир ба истифодабарии онҳо мутобиқат намояд.

7. Амалҳои мазкур реклама ҳисобида намешаванд:

1) ба мутахассисони тиббию фарматсевтӣ пешниҳод намудани иттилоот дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

2) тамғагузорӣ, дастурамал оид ба истифодаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ;

3) муросилоти хизматӣ;

4) маълумот оид ба саломатӣ ё бемории, агар дар он ба дору ишора нашуда бошад;

5) маводи иттилоотӣ.

8. Рекламаи молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ дар тамоми нашрияҳо тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

9. Риоя накардани талаботи моддаи мазкур вобаста ба рекламаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад.

### БОБИ 9. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ МУОМИЛОТИ ДОРУ, МОЛҲОИ ТИББӢ, ВОСИТАҲОИ ПАРАФАРМАТСЕВТӢ ВА ҒИЗОИ ТАЪИНОТӢ

**Моддаи 46. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ**

1. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи ихтироъ, истеҳсол, назорати сифат ва савдои дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ ва ғизои таъинотӣ анҷом медиҳад. Бо ин мақсад барномаҳои илмии байналмилалӣ таҳия ва амалӣ гашта, мубодилаи иттилоот, усулҳо ва технологияи пешқадами ихтироъ ва истеҳсоли дору, воридот ва содироти он, ҳамкориҳои илмӣ ва касбии кормандони соҳаҳои фарматсевтию тиббӣ ба роҳ монда мешаванд.

3. Давлат дастгирӣ ва рушди ҳама шаклҳои ҳамкориҳои байналмилалиро дар соҳаи ихтироъ, истеҳсол, назорати сифат ва савдои дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд, таъмин менамояд.

### БОБИ 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 47. Ҷуброни зарари ба солимии одамон дар натиҷаи истеъмоли дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ расонидашуда**

Зарари ба солимии инсон дар натиҷаи истеъмоли дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ расонидашуда аз ҷониби истеҳсолкунанда ҷуброн карда мешавад, агар исбот шуда бошад, ки:

1) дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ тибқи таъинот мутобиқи дастурамал доир ба истифодаи онҳо истеъмол шуда, сабаби зиён истеҳсоли дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии бесифат бошад;

2) сабаби зарари расонидашуда маълумоти носаҳеҳи дар дастурамали истифодаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ қайдшуда, ки истеҳсолкунанда нашр кардааст, бошад.

2. Дар ҳолате ки агар сабаби зарари ба солимӣ расонидашуда истеъмоли дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтии корношоямшуда дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯши яклухт ва чакана бошад, зарар аз ҷониби шахсоне, ки фурӯши яклухт ва чаканаро амалӣ менамоянд, ҷуброн карда мешавад.

3. Дар ҳолате ки агар сабаби зарар натиҷаи таъиноти нодуруст ва ғайри мақсадноки дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ бошад, зарар аз ҷониби ташкилотҳои тандурустӣ ё кормандони тиббӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

4. Дар ҳолате ки агар сабаби зарар ба солимии инсон, муҳити атроф дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои несту нобуд кардани дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ бошад, зарар аз ҷониби шахсоне, ки ба чунин вайронкорӣ роҳ додаанд, ҷуброн карда мешавад.

5. Ҷуброни зарари ба солимии инсон дар натиҷаи истеъмоли дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ расонидашуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 48. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 49. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» аз 6 августи соли 2001 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 499; с. 2003, №12, мод. 700; с. 2007, №5, мод. 375; с. 2008, №6, мод. 467; с. 2012, №7, мод. 711; с. 2018, №5, мод. 282; с. 2021, №1-2, мод. 14) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 50. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1893**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон РустамиЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №298**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2001, №335 «Оиди қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 501; с. 2003, №11, мод. 592; с. 2007, №4, мод. 274; с. 2008, №4, мод. 335; с. 2012, №6, мод. 527; с. 2018, №2, мод. 108; с. 2020, №12, мод. 1017) аз эътибор соқит дониста шаванд.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 25 майи соли 2022, № 726**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2008, №1, қ. 1, мод. 6, мод. 7; с. 2010, №1, мод. 6; с. 2012, №7, мод. 721; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 388, №12, мод. 821; с. 2015, №11, мод. 953; с. 2016, №5, мод. 360; с. 2018, №1, мод. 6; с. 2019, №1, мод. 6, №6, мод. 314; с. 2020, №7-9, мод. 603; с. 2022, №1-3, мод. 6, мод. 7), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 47:

- ба қисми 1 пас аз калимаҳои «номуайяни шахсон» аломат ва калимаҳои «, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ» илова карда шаванд;

- ҷумлаи якуми қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Прокурор дар баррасии парвандаҳо вобаста ба манзил, замин, эътирофи ҳуқуқи моликият, барқарор намудан ба ҷои кори пештара, ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расонидашуда, муқаррар намудани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқидошта, аз ҳабс озод намудани молу мулк, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар қонунҳо ҳатман иштирок менамояд ва хулоса медиҳад.».

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Прокурор, муовини якум ва муовинони ӯ ҳуқуқ доранд, ки дар доираи ваколаташон парванда ё гурӯҳи парвандаҳоро, ки бо онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бо мақсади таҳлил ва ҷамъбасти фаъолият дар самти таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз суд талаб карда гиранд. Дар сурати муайян намудани он, ки фармон, ҳалнома, таъинот ё қарори суд ғайриқонунӣ ё беасос аст, прокурор тадбирҳои дахлдорро бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур амалӣ менамояд.».

2. Ба қисми 1 моддаи 257 пас аз калимаҳо ва аломати «бо иштироки шаҳрванд,» калима ва аломати «прокурор,» илова карда шаванд.

3. Дар моддаи 325 калимаҳои «прокурори дар парванда иштирокдошта» ба калимаҳои «прокурор дар доираи ваколатҳои худ» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 365:

- дар қисми 1 калимаҳои «прокурори дар парванда иштирокдошта» ба калимаҳои «прокурор дар доираи ваколатҳои худ» иваз карда шаванд;

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи ҳамаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои қарорҳои Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътирози назоратӣ пешниҳод менамоянд. Прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, ба истиснои қарорҳои раёсатҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, мувофиқан ба марҳилаи назоратии ин судҳо эътирози назоратӣ пешниҳод менамоянд.»;

- ба қисми 4 пас аз калимаҳои «Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аломат ва калимаҳои «, муовини якум ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо» илова карда шаванд.

5. Дар моддаи 367:

- қисми 4 хориҷ карда шавад;

- қисми 5 мувофиқан қисми 4 ҳисобида шавад.

6. Дар моддаи 368:

- ба матни модда пас аз калимаҳои «Шикоят ё эътирози назоратӣ» аломат ва калимаҳои «, ба истиснои эътирози назоратии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон,» илова карда шаванд;

- матни модда қисми 1 ҳисобида шуда, рақамгузорӣ карда шавад;

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Эътирози назоратии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда бевосита аз ҷониби суди марҳилаҳои назоратии дахлдор ба тариқи дастҷамъона баррасӣ карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1898**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 290**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, № 763**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410481 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони № 123» | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.07.2022 11:55:00 |
| 2 | 410482 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории утоқҳои кории бинои вазорат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.07.2022 14:00:00 |
| 3 | 410486 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №20» | Таъмири айвонча ва даруни бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.07.2022 15:30:00 |
| 4 | 410492 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои лоиҳакашии сохтмони шуъбаи агентӣ дар ноҳияи Муъминобод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 29.07.2022 15:55:00 |
| 5 | 410519 | Раёсати маорифи ноҳияи Варзоб | Сохтмони бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, воқеъ дар мавзеи Дашти Ринҷони ҷ/д Варзоб - қалъа | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.08.2022 11:15:00 |
| 6 | 410459 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №3» | Таҷҳизоти маишӣ ва моноблок | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 08.08.2022 15:20:12 |
| 7 | 410460 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ҷорӯбҳои ҳавлирӯбӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.08.2022 15:25:19 |
| 8 | 410461 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Асфалти гарм ва битум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 08.08.2022 15:31:31 |
| 9 | 410463 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Асфалти гарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.08.2022 15:36:48 |
| 10 | 410464 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Кандан ва аз нав ҷо ба ҷо гузоштани болопӯшҳои оҳану бетонӣ ва тоза кардани ҷӯйбор аз лою қум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.08.2022 16:30:00 |
| 11 | 410465 | Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи № 24 ба номи Б. Ғафуров» дар шаҳри Хуҷанд | Идомаи гузаронидани системаи гармидиҳӣ, васлу насби дар ва тирезаҳои алюминӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.08.2022 16:30:00 |
| 12 | 410468 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сабзавот ва олуи тару тоза | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 08.08.2022 16:50:00 |
| 13 | 410466 | Муассисаи давлатии телевизиони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» | Молҳои барқӣ, коғази офисӣ, техникаи компютерӣ ва қисмҳои он, камераҳои видеоӣ – назоратӣ ва тоннер барои картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 09.08.2022 08:30:00 |
| 14 | 410473 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтар | Халтачаи хунгирӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.08.2022 08:45:15 |
| 15 | 410474 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтар | Пробиркаи вакумӣ ва дастпӯшаки яккаратаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 09.08.2022 09:00:50 |
| 16 | 410472 | Хонаи кӯдакони синни томактабии №1 дар шаҳри Душанбе | Инвентари мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 09.08.2022 09:01:01 |
| 17 | 410475 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтар | Реактив ва лавозимоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 09.08.2022 09:10:30 |
| 18 | 410476 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Бохтар» | Таъмири болопӯши роҳи автомобилгарди байналмилалии РБ - 08 Гулистон - Фархор – Панҷ - Дӯстӣ аз километри 108+050 то 108+350 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 09:25:45 |
| 19 | 410478 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 10:10:00 |
| 20 | 410477 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сохмони даромадгоҳи шуъбаи чашми беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 10:40:00 |
| 21 | 410479 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири таҳхонаи хобгоҳи муассиса, воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 28/1 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 10:40:00 |
| 22 | 410483 | Муассисаи таҳсилоти умумии «Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 14:30:00 |
| 23 | 410484 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Молҳои сантехникӣ, хоҷагидорӣ ва маводи боғдорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 46 | 09.08.2022 15:00:00 |
| 24 | 410488 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 15:25:00 |
| 25 | 410485 | Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон» | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ, картриҷ, флэшкорт, оташхомӯшкунак ва чаҳорчӯба | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 50 | 09.08.2022 15:25:10 |
| 26 | 410487 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 52 | 09.08.2022 15:35:12 |
| 27 | 410462 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон» | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 77 | 09.08.2022 15:40:00 |
| 28 | 410489 | Муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон» | Компютери фардӣ ва мошинаи дарздӯзӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 09.08.2022 15:45:12 |
| 29 | 410490 | Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи ҷумҳуриявии кӯдаконаи дилу тарбоди Ҳушёрӣ» | Таъмири ҷории намои бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 15:50:00 |
| 30 | 410495 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Идомаи сохтмони бинои Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 16:10:00 |
| 31 | 410494 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таъмири бинои маҷлисгоҳи беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 16:15:00 |
| 32 | 410496 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории бинои №6, чойхонаи «Саодат» ва намои деворҳои гирду атрофи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 16:15:00 |
| 33 | 410498 | Муассисаи давлатии «Боғи Парчами миллӣ» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пиёзаки гули лола ва ниҳоли гул | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 09.08.2022 16:20:00 |
| 34 | 410493 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони маркази офиятбахшӣ ва нигоҳубини ҳайвоноти ваҳшӣ дар ноҳияи Мурғоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 16:30:00 |
| 35 | 410499 | Муассисаи давлатии «Литсейи шаҳри Панҷакент» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 09.08.2022 16:45:00 |
| 36 | 410467 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» | Мебел ва турникет | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 09.08.2022 16:45:51 |
| 37 | 410500 | Суди вилояти Хатлон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ, қисмҳои эҳтиётии компютер ва таҷҳизоти бисёрфунксионалӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 09.08.2022 16:50:40 |
| 38 | 410501 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №12 ба номи «Фариза»-и шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 09.08.2022 17:50:00 |
| 39 | 410502 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Битум барои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.08.2022 17:55:00 |
| 40 | 410503 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.08.2022 18:10:00 |
| 41 | 410506 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Қисмҳои эҳтиётӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 09.08.2022 18:15:00 |
| 42 | 410504 | Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон | Гипохлорид, бланка ва китоби тиббӣ, рентгенплёнка ва молҳои хоҷагидорӣ барои беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 09.08.2022 18:15:15 |
| 43 | 410505 | Беморхонаи шаҳрии №2-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири биноҳои беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 18:15:15 |
| 44 | 410507 | Муассисаи серсоҳавии «Хоҷагии манзилию рифоӣ»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Ранг | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 09.08.2022 18:20:00 |
| 45 | 410509 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ»-и вилояти Суғд дар шаҳри Исфара | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 09.08.2022 18:25:00 |
| 46 | 410508 | Шуъбаи минтақавии «Бонки миллии Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ барои Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 92 | 09.08.2022 18:30:00 |
| 47 | 410469 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №24»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Молҳои техникӣ ва маҳсулоти қолинӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 10.08.2022 08:05:19 |
| 48 | 410513 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | Молҳои типографӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 46 | 10.08.2022 08:10:00 |
| 49 | 410514 | МД «Маркази шаҳрии илмии реаниматсия ва детоксикатсия» | Лавозимоти дастгоҳи гемодиализ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 10.08.2022 08:59:59 |
| 50 | 410515 | Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.08.2022 09:30:00 |
| 51 | 410516 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №2-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 10.08.2022 10:20:00 |
| 52 | 410521 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №131»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.08.2022 10:45:00 |
| 53 | 410520 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №59»-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.08.2022 11:00:00 |
| 54 | 410522 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таҷҳизоти аёнии тиббии таълимӣ - методӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 10.08.2022 13:20:00 |
| 55 | 410523 | Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Телевизор, компютер ва принтер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 10.08.2022 13:30:00 |
| 56 | 410525 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази саломатӣ»-и ноҳияи Шаҳринав | Таъмири ҷории таҳхонаи марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.08.2022 14:40:00 |
| 57 | 410524 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Мебел, таҷҳизоти техникӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва компютер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 11.08.2022 13:30:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

**аз 18 майи соли 2022, № 111, шаҳри Душанбе**

**Дар бораи Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба реквизитҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ, инчунин шаклҳои намунавии ҳуҷҷатҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ 160.100.010.**

Мутобиқи қисми 3 моддаи 53 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2011, №250 тасдиқ гардидааст

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба реквизитҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ, инчунин шаклҳои намунавии ҳуҷҷатҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Раёсати нақлиёти рӯизаминӣ ва бахши ҳуқуқи вазорат фармоиши мазкурро тибқи тартиби муқарраргардида барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

**Вазир** **Азим ИБРОҲИМ**

**Шакли пурраи «Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба реквизитҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ, инчунин шаклҳои намунавии ҳуҷҷатҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ 160.100.010» дар сомонаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mintrans.tj ҷой дода шудааст.**

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами Р/Б 1170 аз 22 июни соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.**

# ЭЪЛОН!

Барҳамдиҳандаи ҶСП «Кафолатбонк» хабар медиҳад, ки пардохти уҳдадориҳои барҳамдиҳандаи ҶСП «Кафолатбонк» дар асоси талаботи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ва Феҳристи тасдиқгардида нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст.

Бинобар ин, қарздеҳони барҳамдиҳандаи ҶСП «Кафолатбонк» -ро зарур аст, ки барои гирифтани маблағҳои худ ба ҶСП «Кафолатбонк» бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо 4/1** муроҷиат намоянд.

# ЭЪЛОН!

КВДС «Тоҷиксармоягузор»-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам мехӯрад.

Оиди масъалаи мазкур бо суроғаи ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ, бинои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошёнаи 9 муроҷиат намоед.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1Ш-1235-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ соли 2007 бо суроғаи кӯчаи Рӯдакӣ, бинои 85/1, ҳуҷраи 40 ба Одинаев Шодӣ додааст, эътибор надорад.

✓Гувоҳномаи прапоршикии гумшуда, ки онро Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 ба Умаров Шерзод Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи силсилаи МВ – I - № 052824 таҳти қайди 2678-и гумшуда, ки онро Институти давлатии педагогии шаҳри Кӯлоб соли 1988 ба Саидова Гулбаҳор Акрамовна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД - и ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи кӯчаи Танг, хонаи 27 ба Розиқов Ҳабибулло Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи хатми синфи ҳаштуми силсилаи А № 282835-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 47-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №111-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) соли 1970 ба Мингбоев Искандар додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии № 003555-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1987 ба Лашкаров Иқболбек Мирёрбекович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии ҳавлидории №140210-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 18 июли соли 2012 бо суроғаи кӯчаи Маяковский, бинои 17/1, ҳуҷраи 18 ба Буронова Раҷабӣ додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини бемуҳлати дараҷаи А № 014681 таҳти қайди 2725-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори ҳукумати ноҳияи Рӯдакӣ соли 2004 ба ҶДММ «Аҷам» додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2022 бо суроғаи кӯчаи Айнӣ, бинои 68/1, ҳуҷраи 15 ба Мирзаҳмадов Мақсуд Шомаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи БР № 095952-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Қубодиён соли 1985 ба Эшонова Озодамо Нажмудиновна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи БП № 834537-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Қубодиён соли 1981 ба Кулулова Зулфия Толибовна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 262448-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Қубодиён соли 1987 ба Абдураҳимова Назофат Саидаҳроровна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ 0480839-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Қубодиён соли 2011 ба Сафолов Фаридун Умедович додааст, эътибор надорад.

✓Дар асоси ҳалномаи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе шартномаи хариду фурӯши №8Ш-3676 аз 8 октябри соли 2018, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ва шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №18085, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе 11 октябри соли 2019 бо суроғаи кӯчаи Испечак 2, М 25, бинои 5, ҳуҷраи 116 байни Сангинмуродова Лутфи Шукуровна ва Усмонов Насим Абдуҳакимович бастааст, эътибор надоранд.

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неққадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum.tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 22 июли соли 2022, соати 13:55 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

Навбатдорони шумора Б. Каримов ва А. Муродов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров